**РОМИНИ ҲАҚНАЗАР**

# М У Ж Д А

Душанбе
“Адиб”
2014

ББК-84 Тоҷик 7-5
Ҳ - 41

Муҳаррир *Наср Бобои Сарфароз*

Ҳ-41 **Ромини Ҳақназар. Мужда** *(маҷмуаи шеърҳо)* –
– Душанбе, «Адиб», 2014, 96 саҳ.

Алиназар Ҳақназар ки бо тахаллуси Ромини Ҳақназар эҷод мекунад, маҷмӯаи дуввумашро пешкаши шумо, хонандагони азиз, гардонидааст, ки фарогири ғазалу чоҳорпораву рубоиҳо мебошад.

ISBN 978-99947-2-418-5

© Нашриёти «Адиб», 2014

## МУЛКИ ЗЕБОМАНЗАРАМ

Тоҷикистоно, ту бошӣ кишвари хушманзарам,
Номи зебои туро дар байни ҷон мепарварам.

Ман зи куҳу куҳсорат менамоям ифтихор,
Хоки куҳсори туро аз меҳр бо ҷон мехарам.

Дар дабистони муҳаббат додиям дарси вафо,
Он муҳаббат бо ту дорам, то абад он мебарам.

Мулки нотакрор бошӣ, бар мисолат ҳеҷ нест,
Бо ту нозам рӯйи олам, чун ҳастӣ зеварам.

Мурғи бахтӣ, тоҷу тахтӣ, баҳри тоҷик дар ҷаҳон,
Чашмаҳои шаҳдборат бахти олӣ бар дарам.

Чашмаҳои софу ширини рӯҳбахшои мо,
Хушлиқо з-онҳо бувад фарзанд дар ин кишварам.

Тоҷикистон аст, Ромин, тоҷдоре дар ҷаҳон,
Номи ту хоҳам ба дунё чун ливо бо худ барам.

## ДУШАНБЕ САР АСТ

Ин Душанбе аз барои Тоҷикистон мисли сар,
Деҳаю водӣ барояш чун миёну дасту по.
Аз раги пое биёяд хун ба боло сӯи мағз,
То ки зӯри худ кунад ҳар як нафас дар мағз ҷо.

Мағз агар пурзӯр гардад, пой роҳат мекунад,
Мағз агар бошад каду, пояш намехезад зи ҷо.
Дасту по он дам бувад нокор монанди фалаҷ,
Нолаҳояш мерасанд аз рӯи дунё то само.

Аз канора ҷамъ бояд кард ҳар як оқиле,
То ки давлатро равон созанд аз ҷо то ба ҷо.
Одами нодон бувад чун сабзае зери чанор,
Вай зи нодонӣ ҳамеша буда монанди гадо.

Оқилонро нур бошад бештар дар мағзи сар,
Равшанӣ бошад барояш аз самак то бар само.
Ҳикмате аз дасти онҳо пош гардад дар ҷаҳон,
Ҳар кӣ нодон аст, ёраш доимо тифу вабо.

Аз чароғон мешавад равшан зи кӯча то ба хон,
Дар шаби торик фонус аст моро раҳнишон.
Бе чароғе дар даруни чоҳ меафтӣ ба шаб,
Бишканӣ ё пои худ,ё бишканӣ худро миён.

## САРЧАШМАЯМ БА НӮҲ РАСАД

Эй, ки маро ҷудо кунӣ аз дигарон дар ин макон,
Рӯзи дигар биафти ту бар дари ғам ба сад фиғон.

Тозанажодам, эй ахӣ, чашмаи ман зи Нӯҳ расад,
Қисмати ман ба дасти ман ҳаст ба ҳар нафар аён.

Ҳар суханам чу деги зар, шаҳд барин, мисли шакар,
Ҳар маҳале мехарӣ, ман шудаам ҷудо аз он.

Габр наям, наям хасе дини Худо ба дил бувад,
Номи Худост чун суруд, илм диҳад ба мо, бидон.

Пок манам, намо ту гӯш, бош ба мову шаҳд нӯш,
Ҷирга бизан ту дам ба дам, нома расон ба Каҳкашон.

Ҷамъ бишав чу моҳиён бар милале намо нигоҳ,
Роҳи ҳама ҷудо-ҷудо, ҳастӣ ту ҳам ҷудо равон.

Бас бувадо фақат сухан, бош чу шамъи анҷуман,
Мо гулу хори ин Ватан, доғ дигар ба дил намон.

Тоҷики нав, ту аз куҷо, омадаӣ ту аз само
Ҳеҷ макун ту худ ҷудо, нест туро дигар забон.

Мову шумо ягонаем, устуни хуби хонаем,
Дар ватане ба гуфтугӯ, дӯст маро ҳамеша хон.

## НОЗ ДОРӢ, ЭЙ САНАМ

Ноз дорӣ, эй санам, монанди маҳ дар осмон,
Бишканӣ танбури ишқам чун рақибон ҳар замон.

Ғунчасон созӣ табассум, лол гардӣ пеши ман,
Гӯиё мурғе ту бошӣ, гум намудастӣ забон.

Ишвау нозат намояд чок сина дам ба дам,
Нақш баста сурати нози ту андай мағзи ҷон.

Аз лабат бӯса гирифтан дил бихоҳад ҳар нафас,
Қандро хоҳам ситонам бо шакар аз он лабон.

Гар,ки дар хилват наӣ шарме кунам з-ағёру дӯст,
Бӯса дар хилват хуш ояд,роз мебояд ниҳон.

Бар сари кӯят гузар ман менамоям вақти шом,
Лек атрофат бубинам ман ҳамеша посбон.

Сӯхт Ромин, хубтар бингар, ки хокистар шудаст,
Бар сари хокистарам аз ҷону дил бинмо фиғон.

## БО ИШҚ МАРО МАТАРСОН

Бо ишқ матарсон,ки маро тарс ба ҷон нест,
Аз кӯчаи ишқ ар биравам, кори зиён нест.

Ман зодаи кухам, самараш дар бадани ман,
Аз ишқ сухан гӯям агар, бори гарон нест.

Дар кӯчаи мо лоларухон саф ба саф астанд,
Пиндорӣ ба ғайри ту касе рӯйи ҷаҳон нест.

Чашмам,ки ба чашм омаду оташ,ки аз он рафт,
Сӯзонд дили духту ба вай роҳи амон нест.

Хоҳи ту агар ком биёбӣ, зи пасам дав,
Поям ба муроди ту ба раҳ ҳеҷ равон нест.

Чун ахтари афлок маро ҷост баландӣ,
Дар роҳи нишебӣ гузарам ҳеҷ замон нест.

Чун боди сабо ой ба гулзори муҳаббат,
Парвардаи ишқам, дигарам ҳеҷ баён нест.

Ман нози туро зарра, ба як танга нагирам,
Ромин ғами он ишқ ягон дам ба ҷаҳон нест.

Ман ишқ надонам ҳавасу кори дурӯза,
Ингуна агар ҳаст, ба ҷуз кори зиён нест.

## ДОДИ КАС ПАЙДО НАШУД

Ин ҷаҳон бедоду ин ҷо доди кас пайдо нашуд,
Кас надидам дар ҷаҳон,к-ӯ омаду расво нашуд.

Чун палангон ё чу гургон одамон хун мехӯранд,
Ҷо намебошад,ки он ҷо тори ҷав даъво нашуд.

Аз сари минбар ҳама даъвои инсонӣ кунанд,
Кас надидам ман зи эшон пушти зар шайдо нашуд.

Моли муфте руҳи мардум сӯйи ҳайвонӣ барад,
Мол дар дасташ бишуд заҳру вале ҳалво нашуд.

Мисли деву ҷин ҷадал созанд доим баҳри пул,
Дини Яздонӣ барояш як нафас мавло нашуд.

Номи зар ин зумраро маҷнун кардааст,
Дар раҳи Ҳақ ҷони онҳо заррае савдо нашуд.

Ноз бар зӯрӣ намоянд, аз фалак тарсе куҷо?
Хомӯш аммо дар ҷаҳон аз дасташон балво нашуд.

Давлати обод бебунёд дар дунё кунанд,
Як гулистони ҷаҳон бо дасташон зебо нашуд.

Дидӣ, Ромин, дӯзахиёнро ҳамеша фикри мол,
Зиндагӣ аз дасти онҳо дар ҷаҳон боло нашуд.

## ОҲИ МАРДУМ МЕЗАНАД

Оҳи мардум мезанад Даҷҷолро монанди тир,
Гар занад он оҳи мардум, кас наёбад дастгир.

Дар дурӯғи бефурӯғе умри кӯтаҳ буду ҳаст,
Чанд аз он ҳарф гӯй, менагардад он мунир.

Халқро помол кардан бадтарини ҷурмҳост,
Медиҳӣ охир ҷавобаш, он замон ки гарди пир.

Аз замин ҳосил бигирад кас ба овони дарав,
Хӯшаи моён ҳамеша ҳамраҳи мо дар замир.

Поккалбӣ, ростгӯӣ ҳаст Сарқонуни Ҳақ,
Пок дар дунё бибояд буд бар монанди шир,

Ҳаҷ равӣ, хокаш ба сар созӣ, вале гӯӣ дурӯғ,
Боз аз нав бӯй мегирӣ турушгаштаа хамир.

Ай,чи медонӣ ту аз ин сарсонии одам ба даҳр,
Як замон гар заҳр бошӣ, як замон гардӣ панир.

Бештар андар сухан он афъоли рӯбоҳӣ кунанд,
Дар мизон гар он кашӣ, бинӣ вай аз тухми шарир.

Гӯ, ки Ромин, бештар ҷоҳил ҳамегӯяд дурӯғ,
Ҳар киро монанди худ бинад, ҳамехонад кабир.

## ШАСТУ ПАНҶАМ ОМАДӢ

Шасту панҷам омадӣ,беихтиёрам бигзарӣ,
Қуввати ин ҷисму ҷонам андак-андак мебарӣ.

Ман талоши он бикардам,то бимонад қувватам,
Мефурӯшӣ рӯзу шаб бар мою онро мехарӣ.

Манманиҳоям кунун якумрӣ монад аз сарам,
Лаҳҷаи гуфтори ман берун шуд аз лафзи дарӣ.

Гаштааст акнун кафанпӯше ҷавонӣ бар танам,
Аз ту меояд ба боғи умри ман танҳо шарӣ.

Дардҳоро ҷой додӣ бар танам бе хоҳишам,
Ман кунун аз хушкие афтодаям қаъри тарӣ.

Ҷаҳд месозам, ки нақшатро бирӯбам аз раҳам,
Лек муҳре созияш, зеро ки ту оҳангарӣ.

Аз ҷавонон гар бубинам ёди он ояд маро,
Чини рӯям боз бар ёдам ҳамоно оварӣ.

Соҳили умрам нишон бармедиҳӣ ту ҳар замон,
Бо фиребу беасо моро ба сӯяш мебарӣ.

Гӯӣ,Ромин,чун бувад қонун барои одамон,
Даври мастӣ бигзарад, ояд замони лоғарӣ.

## ЧУН ГУЛИ НОЁБ БОШАМ ДАР ҶАҲОН

Як гули ноёб бошам дар миёни мардумон,
Халқи ман аз баҳри ман поянда монад дар ҷаҳон.

Олами ғайбе маро огоҳ зи гардун мекунад,
Ошкору ҳам ниҳон «хур»-ест дар бар ҳар замон.

Абр дар боғи муҳаббат шабнаме резад ба сар,
Равзаи Ризвон биёяд дар назар чун Каҳкашон.

Гул муҳаббат карда байни мо ба мисли навбаҳор,
Ғунча буду баст бутта, шуд ба мисли бӯстон.

Хуни ман бо хуни ағёрон наолояд даме,
Лафзи ман бо асли худ монад ба дунё ҷовидон.

Гар забонҳои дигар бо соҳибонаш гум шаванд,
Як кутубе монад аз онҳо дар ин олам нишон.

Ақл мардум дод аз дасту бишуд дур аз Худо,
Сар зи он тӯфон бизад мавҷу ҷаҳон шуд ноаён.

Ҳар касе гар бехабар аз маънии Фурқон бизист,
Вай чу нокас монда бошад дар қатори ҷоҳилон.

Гар надонӣ маънии Қуръон, накун баҳсе ба мо,
Гӯш бар Ромин намою асли маъно пурс аз он.

Маънии Фурқон зи Ҳақ омӯхт дар шабҳои тор,
Чун чаҳон охир расад, ин гуфтаро аз Ҳақ бидон.

## МУРҒИ ДИЛАМ КУШТА НАГАРДАД

Ин мурғи дилам кушта нагардад, манамо хун,
Н-аз баҳри Арал ҳаст, на аз шохаи Ҷайҳун.
Сад деву даде қасд ба ҷонам бинамуданд,
Лекин натавон кард маро банд ба афсун.
Пайваста Худо ҳифз маро кард зи душман,
Эй хасм, магар зӯртари аз Шаҳи гардун?!
Ту бехабар аз сирри ҷаҳон зӯр занӣ,лек,
Бошӣ ба ҷаҳолат ба кунун ҳамраҳи маҷнун.
Фозил накунад фахр зи шар байни халоиқ,
Лекин ба ҳамон беҳунарӣ ҳастӣ ту мафтун.
Гар мард туӣ, лаънати мардум нанамо нӯш,
Пайваста саворе туӣ бар лаънати файтун.
Ҳар беҳунаре ҳаст бахил, рӯй надорад,
Олим агар он аст,вале зода вай аз дун.
Чун барф зи вай сардӣ расад бар дили мардум,
Ромин, бинамо дафъ бахелӣ чу Фалотун.
Он шоиракон дар ғами шуҳрат шабу рӯзанд,
Шаҳбайт надоранд,вале ҳарзачӣ афзун.

## ИН АСТ ҚИЁМАТ

Ин аст қиёмат, хабаре з-он ту надорӣ,
Бингар, ба сарат омада селоби баҳорӣ.

Як шарти дигар пеши ту бигзошта шуд, ҷон,
Бар тори ҳамон шарт агар даст гузорӣ.

Он шарт чунин аст,ки инсон бишав аз нав,
Варна нафасат зуд зи ин даҳр барорӣ.

Он тиру камон ҳифзи ту ҳаргиз натавонад,
Оташ занию гар ҳама манзил бидарорӣ.

Сӣ соли дигар вақт туро дода Худованд,
Баргардӣ, макун ҳеҷ дигар хеш фирорӣ.

Ҳақ лоғ насозад набувад он писари кас,
К-аз дастаки ӯ гирӣ, зи хонат бибарорӣ.

Гар ҳукм кунад, хок бигардӣ чу хасе зуд,
Ҷонро ту ба як гом ба дӯзах бисупорӣ.

Ромин,ки хабардор зи ин беш зи даҳ сол,
Лекин хабаре ҳеҷ аз ин кор ту надорӣ.

Андеша бикун бар сари ҳар як қадами хеш,
Андар назарам, по ба лаби гӯр гузорӣ.

## БОЗ ОЙ

Бе ту умри ман хароб аст, эй нигорам, боз ой.
Ҷон даруни тан кабоб аст, эй нигорам, боз ой.

Сина бирён, дида гирён, ҳуш парешон шуд мудом,
Бар тани бечон на хоб аст, эй нигорам, боз ой.
Дил битарсад аз нигоҳи мардумони бехудо,
Меҳр дар дил мисли об аст, эй нигорам, боз ой.
Тифли ишқам ёд орад аз канори оташин,
Ҷони вай дар печутоб аст, эй нигорам, боз ой.
Хандаям ях баста аз баҳри ту андар коми шавқ,
По ба сӯят дар шитоб аст, эй нигорам, боз ой
Меваи боғи дилат дар пеши ман афшон зи нав,
Хандаят баҳрам гулоб аст, эй нигорам, боз ой.
Ғунча домони ҳаёро чок зад аз дурият,
Ишқ бар ақлам ниқоб аст, эй нигорам, боз ой.
Чашми Ромин хира гашта аз ҳисоби ахтарон,
Ахтарам ҳоло ба хоб аст, эй нигорам, боз ой.

## БИЁ, БО ҲАМ СУХАН ГӮЕМ

Биё,эй дӯст, аз дунё каме бо ҳам сухан гӯем,
Қафо гардем то Одам, аз ин олам сухан гӯем.
Ҳзорон бор дар дунё қиёмат рафта буд аз сар,
Чаро олам чуноне шуд, зи ҳар одам сухан гӯем.
Ҳама айбе даруни дил надорад сабр то як дам,
Шавад ирсӣ ба вай сарвар, ки з-ин марҳам сухан гӯем.
Зи баҳри нафсу ҷони худ кушад одам бародарро,
Барад ҳирсӣ варо аз худ, биё, з-ин ҳам сухан гӯем.
Заифонро кунӣ ғорат ки то заркӯб хон созӣ,
Дилашро мекунӣ бирён, биё, з-ин ғам сухан гӯем.
Бахилӣ гашта ёри мо, ҳасад дорем бар мардум,
Саховат мурдааст дар дил, дам аз Ҳотам сухан гӯем.
Агар одам дар ин олам ба мисли Ҳотаме мебуд,
Намеомад қиёмат дам, биё, з-ин кам сухан гӯем.
Қиёмат омада, Ромин, туро аз он хабар бошад,
Кӣ мемонад дар ин дунё, биё, з-ин дам сухан гӯем.
Худовандӣ зи Арши худ диҳад рӯзӣ бари мардум,
Мунофиқ нестем гар мо, аз ин кам-кам сухан гӯем.

## ГУЛАМ ДАР БОҒ БИШКУФТАСТ

Гулам дар боғ бишкуфтаст, лекин хор гирди он,
Набошад қуввате дар тан, ки онро то канад дандон.

Назар афтад ба рӯи вай дилам барқе занад аз нав,
Савора меравам сӯяш, гулу гулдаста бар дастон.

Хиҷолат мекашам, лекин илоҷеро намеёбам,
Ҳаё шуд пардазан рӯро, бисӯзад лек ҷисму ҷон.

Ба русто ҷон агар бозӣ, наёбӣ ком ҳам як дам,
Ки онҷо духтарон доим зи мому боби худ тарсон.

Дило, чун худ ту медонӣ диламро додаам бар ту,
Чунин ҳукме ба дил кардам чунон бошад туро фармон.

Ту чун он ғунчаи хандон шукуфон дар баҳоронӣ,
Вале афтодаам ман дур, куҷо тадбиру ку дармон?

Назар сӯи дигар созӣ, дилам аз рашк мемирад,
Биё, бар пеши ман инак, ба рӯят гаштаам пазмон.

Ба гирди даҳр бас гаштам, накардам мисли ту пайдо,
Муҳаббат гар туро бошад, биё, наздам ту аз Рушон.

Нигори нозанин, Ромин ҳамеша дар хаёли туст,
Ки баҳрат хӯрда будам ман ҳазорон мушт бар дандон.

## АҲДИ МОРО ЁД ОР

Эй,ки рафтӣ аз бари ман, аҳди моро ёд ор,
Дар вафо Лайлӣ бибошу ин гадоро ёд ор.

Ғофиле дар зиндагӣ аз душманони худ мабош,
Душманат ширинсухан, ту аз мадоро ёд ор.

Гар даме поят билағжад, рӯ ба сӯи мо намо,
Дасти ман ояд ба сӯят, ин сафоро ёд ор.

Лаззати шириният гар мечакад бар коми ғайр,
З-ин сухан андеша созу он Худоро ёд ор.

Муфлисе дар роҳи ишқам, тарки ёриро макун,
Гар бимонӣ дур аз ман, ин садоро ёд ор.

Мавҷи ишқам то канори ин ҷаҳон вомерасад,
Гар фаромӯшам намоӣ, ин нидоро ёд ор.

Бо сухан ман дарди дил гуфтан натвонам ба ту,
Моли дунё фарши поят, бенаворо ёд ор.

Сар диҳам, лекин бароят оварам меҳригиёҳ,
Садқа ҷони ман бароят, ин даворо ёд ор.

Ҳаст Ромин дар раҳи ишқат чу Хусрав бовафо,
Мавҷи дигар чун расад, боз ин наворо ёд ор.

## ВАҚТИ БАҲОР АСТ

Дӯстон, вақти баҳор аст, зимистон бигузашт,
Лола дар мазра қатор аст, биёбон бигузашт.

Аз фалак сар бикашад моҳи дигар, моҳи сафед,
Моҳи тобон зи сари марзи Бадахшон бигузашт.

Даври тӯфон,ки бигуфтам ба шумо рози ниҳон,
Вақти он омаду он давраи тӯфон бигузашт.

Офтоб аз сари Машриқ кашад сар ба фалак,
Чархи гардун, ки бизад чарх ба кайҳон, бигузашт.

Куҳи хоро бишавад об ба он дам чу шакар,
Гармии он зи барам боз ба афғон бигузашт.

Ҳар кӣ дар хун зада дасташ, бидиҳад хун ба иваз,
Даври Нӯҳ-хостаи Ҳақ чу ба фармон бигузашт.

Рафт Ромин, ки ҷаҳон боз диҳад гардиши нав,
Гардише боз расад,к-он сари майдон бигузашт.

Гӯ:Худо ҳофизу мо банда ба он рӯи ҷаҳон,
Шамс аз кунҷи ҷаҳон ҷониби армон бигузашт.

Рози пинҳон нашуд ифшо, чу задам мӯҳр ба лаб,
Кори афлок ба ин даҳр чӣ пинҳон бигузашт!

## САБУРӢ РАФТ АЗ ДИЛ

Худовандо, сабурӣ рафт аз дил,
Ду поям гашта акнун ғарқ дар гил.
Гулистонам хазон, вай бар ман
Шудам рӯйи раҳи мардум чу соил.

Умедам буд дар ин зиндагонӣ.
Расам рӯзе ба киштӣ сӯи соҳил.
Вале киштӣ зи шасти мавҷ бишкаст,
Батар з-он, оташе омад ба манзил.

Худовандо, чӣ созам роҳ баста,
Ба роҳам душманам саф-саф нишаста.
Мадад гар аз ту н-ояд як замоне,
Дилам гардад аз ин дунё шикаста.

Маро аз бӯстон гул хуш наояд,
Зи душман ҳеҷ кас дар раҳ набояд.
Ҳасудон ин замон ҳам бешуморанд,
Кай, охир, занг аз ин дил зудояд?

## НАКУН АЗ БАҲРИ МАЗҲАБ ҶАНГ

Агар аз баҳри мазҳаб мекунӣ ҷанг,
Кунӣ ҳоли мусулмонро агар танг,

Ту худ кофиртар аз куффор бошӣ,
Дилат яхтар бувад аз оҳану санг.

Худо гуфтаст дар авроқи Қуръон,
Надодам бандаамро ҷуз ин оҳанг?

Туро мазҳаб раҳе сӯи Худо аст,
Тафовут нест андар тору дар чанг.

Ки ҳар ду як наворо менавозанд,
Садо пеши Худо афтад ба як ранг.

Мазан таъна даме аз мазҳаби ғайр,
Задӣ таъна, бигаштӣ хор бебанг.

Набошӣ худ Худо, не аз расулон,
Ки ҳукме мекунӣ чун Ҳақ ба фарҳанг.

Мусулмонӣ ба дил, на рӯйи чанг аст,
Башар дар замона буда садранг.

Гуноҳам бор бар кас менасозам,
Чаро пас мезанам дар ону ин чанг.

Туро, Ромин, набояд дар дин,
Дар ин раҳ нестӣ монанди сарҳанг.

## ОҲАНГИ НАВ ПАЙДО КУНАМ

Бо рубоби ошиқон оҳанги нав пайдо кунам,
Дилбари маҳпайкаре бо нағмааш шайдо кунам.

Захмаи ишқе занам бар тори қалби маҳҷабин,
Нолаи ҷонсӯзро ман аз фалак боло кунам.

Ишқ мисли дарди дандону табобат боядаш,
Гар даво пайдо нашуд, фарёд чун дарё кунам.

Хиштҳои ошиқӣ атрофи он чинам мудом,
Дилбари хушсурате бар байни он ово кунам.

Дар ҷаҳони ошиқон гӯям, ки он ёр аз ман аст,
Чашми ғайр аз сӯи вай бар ҷониби саҳро кунам.

Куртаи меҳре бипӯшам ман ба тан дар роҳи ӯ,
Дар баҳори ошиқон ман баҳри вай даъво кунам.

Ман ҷудо созам миёни дилбарон зеботарин,
Бо нигоҳи нурборам дилбаре шайдо кунам.

Он ҳама сӯзу гудози ошиқон дар дафтарам,
Доимо ман аз барояш бо рақиб балво кунам.

Ҳаст, Ромин, қисматат онон намегардад дигар,
Дар канори сахра акнун баҳри худ маъво кунам.

## ЗИ НОЗАТ СЕР ГАШТАМ

Ман зи нозат сер гаштам, ноз дорӣ, лабшакар,
Ман туро гар дӯст дорам, дӯст бишморам, на шар.

Мекунӣ маҷбур аз ман, то диҳам дилро ба ту,
Ишқ агар дар дил набошад, майл бошад бешарар.

Аз бутон ман сер гаштам, чун бигардӣ аз сафар,
Фикри дамгирӣ биёяд ҳар замон касро ба сар.

Гар бихоҳӣ коми дил, нозу адоят то самост,
Боғбони беҳунар кай гирад аз боғаш самар?!

Бо тую бе ту набошад фарқ баҳрам дар ҷаҳон,
Аз ту хушрӯтар ба гирдам, ҳар яке мисли Қамар.

Эй Худо, иқболи моро паст кун пеши бутон,
То дигар манро насозанд ин қадар хуни ҷигар.

Ишқбозӣ дар ҷавонӣ хуб, аммо баҳри пир,
Ишқ кӯр асту насозад фарқ байни гунгу кар.

То дигар ишқам наафтад дар дили маъшуқае,
Нур аз чашмам намо чун хор аз дасте бадар.

Мебарӣ, Ромин, дили гулдухтарон дар пирӣ ҳам,
Нури чашмам мебарад, аз дил ба чашмонам нигар.

## ГИРИФТОРИ ИШҚ

Гӯянд, ки ошиқ шавӣ бар шахс гунoҳ ҳаст,
Ошиқ ту машав, ҳеҷ мадеҳ қалби худ аз даст.

Бо булҳавасӣ ёр бигардӣ ба замона,
Ҳар нокасу кас дар раҳи он бар ту кунад шаст.

Лекин чи кунам, гар саname – моҳи нав омад,
Бо ҳусну ҷамолаш бикунад ҳар нафасе маст.

Аз дидани вай даҳр шавад тор ба чашмам,
Ҳушам бирабояд, бишавам маст чу сармаст.

Ҷонона чу ангур бувад, лаззати он хуш,
Чашмам, ки ба рӯяш бифитад, сабр зи дил раст.

Ҳар дилбари навруста чу навгул ба баҳоре,
Ошиқ бишавӣ хоҳӣ, нахоҳӣ, равӣ аз даст.

Ромин, ки грифтор ҳама умр ба ишқ аст,
Аз ишқи бутонаш дамаке майл набишкаст.

Бар духт нагуфтам,ки туро дӯст бидорам,
Аз ишқ худаш аҳд ба даҳ бор ба ман баст.

## УМРИ ДАРОЗИ ШЕЪР

Шеъри ман аз баҳри шоҳон нест- нест,
Шеър мегӯям на баҳри як замон.
Шоҳро бисёрҳо дидам ба даҳр,
Ҳам замона гашт дигар дар ҷаҳон.

Лек одам ҳаст мисли оби рӯд,
Рӯи дунё доимо бошад равон.
Халқ кисмат шуд ба роҳи неку бад,
Неку бад пайваст бо ҳам дар ҷаҳон.

Ҳар чӣ мегӯям ба шеърам, он абад,
Мисли хуршеде бимонад ҷовидон.
Шеър аз баҳри Худо, халқи Худост,
Ман барорам ҳамчу лаъл аз байни кон.

Ё қабули халқ гардад, ё ки не,
Ихтиёри халқ бошад, кори вай.
Ин ҳунар аммо насозам з-ӯ дареғ,
Ман нагӯям, шеъри ман чун тоҷи Кай.

Аз паси шеърам нахӯрдам зарра нон,
Нони ман омад насибам аз ду даст.
Ақл ҳар коре ба ман осон намуд,
Кори мушкил кард осон вай ба шаст.

Ман,вале бошам ҳамон марди куҳан,
Ман нагаштам мисли ин дунё дигар.
Он чи буд андешаи ман бармаҳал,
То ба ҳоло ҷост он бар мағзи сар.

## ШИРИН ШЕЪРИ ИРФОНӢ

Аҷаб рангин, аҷаб ширин бароям шеъри ирфонӣ,
Чӣ рахшон доимо дар он ҳамеша роҳи инсонӣ.

Сифоти ишқи аслие дар он чун шамъ пурнур аст,
Туро огоҳ месозад зи бероҳию ҳайронӣ.

Зи зулмоту шари дунё кашад бар сӯи нурат ӯ,
Кунад сарҷамъ андеша дар атрофи парешонӣ.

Бифаҳмонад бароят он, ки ин дунё маконат нест,
Вале ту нур мебошӣ зи саҳроҳои кайҳонӣ.

Ба ин дунё каме дидам ба роҳам марди мардоне,
Вале бисёриро дидам ба доманҳои ҳайвонӣ.

Ба ҳар ҷо воизон дидам,ки бадтар аз дадон буданд,
Бирафтам аз бари онҳо ба як кунҷи мусулмонӣ.

Басо мардум кунад даъво ба гуфторе фақат танҳо,
Гумон кардам, биафтодам ба як дарбори шайтонӣ.

Ту ваҳшӣ нестӣ, медон, зи зоти пок фарзандӣ,
Набояд кард худро бар мисоли шер майдонӣ.

Мукофотат Худо бидҳад ба рӯзи нотавониҳо,
Зи пою дида мемонӣ, кунӣ афғон зи нодонӣ.

Надидам меҳри Аллоҳ ҳеҷ андар қалби худбинон,
Намехонад, намедонад, ту аз мардум чӣ медонӣ?

## ҚОНУН ДАР БАДАХШОН

Қонуни хуш ки бошад, имрӯз дар Бадахшон,
Аз дидану шунидан гардӣ ту сахт ҳайрон.

Аз маърака ҳамеша берун кунанд қотил,
Ӯро намешуморанд аз тухми поки инсон.

Ҳар нашъаманд он ҷо ҷое ба худ наёбад,
Чун деву дад ҳамеша ҷояш бувад биёбон.

Гар дузд буд инсон, duздӣ хилофи вай кард,
Ҳар он ки кард дуздӣ кирмест дар гулистон.

Ин се нафар ба маҳфил ҷое ба худ надоранд,
Роҳе барои онҳо бошад ба сӯи зиндон,

Дидам басе камондор, шоҳе зи худ тарошид,
Лекин намудам аз вай берун зи байни майдон.

Аз қотиле натарсанд, онро ливо насозанд,
Чанде кунад,ки зӯрӣ бар мисли девзодон.

Шафқат ба қалби мардум чун ғунчае шукуфад,
Ромин, раҳи бадахшӣ пурнуру ҳам чароғон.

## ОН ЁР КУҶО БОШАД?

Дил ноладу ҷон сӯзад,он ёр куҷо бошад?
Аз баҳри дилороме ин нола раво бошад.

Бехона дар ин дунё битвонӣ ҳама давре,
Беёр дар ин дунё Ҳотам чу гадо бошад.

Парвона диҳад ҷонро дар як нафасе бар шамъ,
Ҳар ҷо қадамам афтад, дастам ба дуо бошад.

Эҳсос кунӣ худро он вақт ба мисли шоҳ,
Зери қадамат ин дам, гӯё ки само бошад.

Мутриб бишавӣ баҳраш аз сӯзиши ишқи ӯ,
Шоир ба раҳаш гардӣ,бар сӯз даво бошад.

Шамъе ба шаб афрӯзӣ парвонасифат сӯзӣ,
Оташ ба ниҳоди ту гӯё ки вабо бошад.

Ромин, ту аз ин оташ як дам набудӣ берун,
Бе ишқ ҳаёте нест, гар ҷумла само бошад.

Бо ишқ манам зинда, ишқам буда поянда,
Онро, ки набуд ишқе аз халқ ҷудо бошад.

## НА АЗ ДАРБОРУ НА АЗ БОЗОРАМ

Ман на аз дарбору на бозору не аз ону ин,
Як гули хушбӯй ҳастам дар гулистони замин.

Ман надорам кор бо кас, то насозад реш дил,
Хислатам чун санг не, чун атласе бошад маҳин.

Гар тавонам, дасти афтода бигирам мисли дӯст,
Ё ки бошад вай зи Хатлон, ё Бадахшон, ё зи Чин.

Обрӯям баҳри ман қимат бувад аз симу зар,
Он зи баҳри зар нарезонам бигӯям,ин яқин.

Косалесӣ дар дилам маскан ба худ пайдо накард.
Худшиносӣ мактабаш бошад, надорад ҳеҷ кин.

Қатра-қатра дар рагам хун аз расулоне бувад,
Покиро ман ёфтам аз чашмаҳои даҳру дин.

Толиби ҷаннат набошам, орзуям нест он,
Гарчи бишнидам ҳамеша ман зи мардум: Офарин!

Ҳар чи дар тақдир бошад боз, Ромин, ояд он,
Одате моро нишастан не ба таг, лекин ба зин.

Бар хилофи одамони бад бисозам кори нек,
Бингарӣ дар ман, бубинӣ як фақири отбин.

## СОДАЕМ МО

Содадил бошем моён то ба ҳоло дар ҷаҳон,
Мо намесозем фарқе дӯстро аз душманон.
Душманам гар ханда созад як нафас дар рӯ ба рӯ,
Боварамояд, ки бошад дӯсти наздикамон.
Турк мулки мо гирифту баркашид аз зер тахт,
Ман зи кори турк гаштам мисли кӯдак шодмон.
Дар дилам озод кардан ин диёри худ набуд,
Гашта будам ман ғуломе мисли дигар тоҷикон.
Нангу номусам нашуд бедор аз баҳри Ватан,
Нолаи беохирам бигзашт садҳо Каҳкашон.
Майли ман ҳоло набошад сӯи тоҷик як нафас,
Тоҷики худ бад бубинам, дӯст дорам хасмашон.
Тоҷики ман дӯст шуд бо хасми худ, ку чорае?
Тоҷике пайдо намуду кушт он мисли дадон.
Шӯри ҷанг андохтанд он «дӯстон» дар байни мо,
Ҷоҳилӣ дар байни мо пар мезанад то бекарон.
Ваҳдате, Ромин, барои миллати моён зарур,
Бас ҷудоӣ! Чун гулистоне бибояд ин макон.

## ЗӮР ДОНО БУВАД

Ҳар киро бошад силоҳ, имрӯз ӯ доно бувад,
Дасти вай ҳам аз расулон дар ҷаҳон боло бувад.

Ақл баҳри зӯр лозим нест дар роҳи ҳаёт,
Чунки вай бо зӯрияш паваста чун мавло бувад.

Гашта Амрико зи зӯрӣ дар ҷаҳон раҳбар кунун,
Мӯшаки одамкушаш дар хушкию дарё бувад.

Зери парда кор созад аз барои суди хеш,
Нест кардан одамонро баҳри вай алво бувад.

Дар калисо саҷда созад, лек шуд берун аз он,
Аз барои хурдани хун доимо шайдо бувад.

Интизори сад мукофоте бувад вай аз Худо,
Оқибат дар зери хок онро абад маъво бувад.

Меравад дунё ба пешу ақли одам кам шавад,
Чун зи камандешагӣ дар ҳар куҷо балво бувад.

Хуб медонӣ, ту Ромин, халқ ку, Яздон куҷост,
Андар ин як гуфтаи мо бекарон маъно бувад.

Зери парда ҳарфи ман, доно бифаҳмад маънияш,
Бар сари ҳар ҳарфи урён доимо даъво бувад.

## ЭҶОДИ ШЕЪР БАС КУНАМ

Гуфтам, ки дигар бас бикунам гуфтани ашъор,
То шод шавад беҳунаре бар дари дарбор.

Ӯро нафасаш танг, дилаш санг, назар банг,
Аз табъи равони дигарон вай шуда бемор.

Шаҳбайт варо ваъда дар он даҳр бибошад,
Имрӯз ба шеърaш набувад ҳеҷ харидор.

Дар гардани вай тавқи зарин аст чу лаънат,
Ҳам нақши бахилӣ ба рухаш ҳаст падидор.

Нонаш зи хушомад ба дари хона биёрад,
Бо юғ кунад мазрааи мир чу шудгор.

Дар гардани вай баста бувад юғи ғуломӣ,
Аз миру амир аст фақат рӯзӣ талабгор.

Он табъи равоне, ки маро дод Худованд,
Куштанд варо бехирадон бар сари як дор.

Ай, лек Худо буд ба бар, гуфт: «Макаш даст,
Ман қасди туро з-ӯ биситонам ба сад озор.

Ромин, ғами бисёр туро дода ҳарифон,
Парвои касе нест, Худо ҳаст маро ёр.

## ГУЛИ РУШОНИ МАН

Эй гули Рушони ман, лаъли Бадахшони ман,
Партави кайҳони ман, моҳи дурахшони ман.

Дӯш самак ҳам зи об омада буд бо шитоб,
Маст зи ишқу кабоб аз пайи ҷонони ман.

Қумрӣ бисӯзонд пар, дид чунин ҷилвагар,
Бӯса бизад вай ба дар, бар дари нодони ман.

Нолаи тӯтӣ ба шаб оварад онро ба таб,
Лаъли лабаш чун инаб, дур зи имкони ман.

Хонаи дил боз шуд макри дил оғоз шуд,
Меҳр ба парвоз шуд, волаву ҳайрони ман.

Нест ба дил иттифоқ, ҳаст миёнаш нифоқ,
Холӣ бимонд ин утоқ аз рухи райҳони ман.

Тез бароям зи дар ,то ки равам бар ба бар,
Бӯса диҳад лабшакар бар лабу дандони ман.

Нолаи Ромин кунун рафт зи манзил бурун,
Дид ҷаҳон вожгун,эй маҳи даврони ман.

## ДИЛ ЗИ МАН РАБОӢ

Созӣ назар ба сӯям, то дил зи ман рабоӣ,
Беҳол мекунӣ худ, мисоли як гадое.
Рӯзам ту тира кардӣ, хомӯшӣ чун ҳамеша,
Банде ба банд, ҷоно, аз ишқ месароӣ.
Ҳайронаму надонам бо ту чи чора созам,
Аз зини ишқ бинам, як дам намефароӣ.
Гоҳе ба хашму ханда дарро ту мекунӣ боз,
Дастам барам ба сӯят, аз дар ту мебароӣ.
Гул дар чаман шукуфта, дастам ба банд баста,
Гардид дил шикаста, з-ин расми бевафоӣ.
Ё ой дар канорам, бигрез ё зи пешам,
Чун сер гаштам аз ҷон, бар дидаям балоӣ.
Ромин, макун ту сустӣ, зине бизан ту онро,
Вақти саворӣ омад, то кай намебароӣ.
Варна ба рӯзи дигар мебинӣ пушти ӯро,
Афсӯс мехӯрӣ баъд аз дастаи он ҷудоӣ.

## ДУР ИСТОДАМ

Дӯш бар дарёи ошиқ як назар андохтам,
Ҷону дил бар мавҷи бӯса он замон ман бохтам.

Зиндагӣ то ин замон бар ман чу шоми тор буд,
Ман зи баҳри шаҳди лабҳо сӯи дарё тохтам.

Дилбаре бо моҳи рӯяш маҳв ҷону дил намуд,
Сӯзи беафғони ошиқ он замон бишнохтам.

Мавҷи он гоҳе маро аз байн берун мефиганд,
Нози беҷои нигорам мисли ҷон бинвохтам.

Бовафою бевафо андар шино дар он буданд,
Шабчароғи шармро дар роҳи он пардохтам.

Ларзаи бетаб ҳамеша дар миёни ҷон бизад,
Обрӯ боде шуду худро ғуломе сохтам.

Буд, Ромин, он замон як навбаҳори ошиқӣ,
Ман муҳандис будаму з-он мактабе месохтам.

Зиндагӣ он давра мисли сабза зери по намуд,
Ин тариқи зиндагиро хушсадо бинвохтам.

## ДИЛ ПОК ДОР!

Эй азизам, шеър гӯӣ пок дил кун чин ба чин,
Мисли гардун дур кун аз қалби худ ҳар кибзу кин.

Ҳамчу борони баҳорон бахш суд аз баҳри халқ,
Судманде гарду Ҳотамсон бишав рӯи замин.

Дар тарозу ақли худ баркаш, сипас бинмо амал,
Гар туро қувват набошад, чин мазан рӯйи ҷабин.

Фахр аз Ҳофиз намоям, шеъри ирфонии ӯ,
Мисли Искандар гирифт аз Кениё то Ҳинду Чин.

Одаме бо табъи хуш доро бувад, не камбағал,
Вай миёни мардумон боқадр монанди нигин.

Шеъри мову ту надорад як харидоре ба даҳр,
Кас намегӯяд ба мо аз баҳрашон як офарин.

Лек нози мо гирифта Каҳкашонро сар ба сар,
Баҳри мансаб шеъри худро мезанӣ паваста зин.

Чашми дидан мо надорем шоирони боҳунар,
Гарчи ашъораш бувад ширинтаре аз ангубин.

Байтаке моро набошад, то ба вақти баҳс мо
Иқтибос он оварем, инро бидонам ман яқин.

Бо бахилӣ қад кашида мо миёни халқи худ,
Дилфигоре гаштаӣ, Ромин, ба рӯи ин замин.

Ҳаст майдон аз далерон, сӯи майдон шав чу шер,
Мекунам сар хам ба поят, бар ту гӯям: Офарин!

## БЕ ТУ НАДОРАД ШЕЪР БӮ

Эй бахил, ҷонам шавӣ, бе ту надорад шеър бӯ,
Ман зи дастат мекунам пайдо ба дунё обрӯ.

Чун каду мебинамат,оне ки рӯяд зери бед,
Назди соиб дар назар бошӣ ту бар монанди мӯ.

Халқ агар дорад Худо, лекин ту ҳастӣ бехудо,
Бар хару гове туро бошад ҳамеша гуфтугӯ.

Мисли песон рост бар одам намесозӣ назар,
Чун туро қудрат набошад дидане аз нури рӯ.

Ҳар куҷо бардорӣ сар, саркӯб аз он мешавӣ,
Байни мардум обрӯ дорӣ ҳамеша ҷустуҷӯ.

Аз Худо файзе набинӣ андаке дар умри худ,
Бар мисоли оби мурда бошӣ дар наздики ҷӯ.

Чун сагон беқадр, ҳастӣ дур бошӣ аз назар,
Медавӣ аз субҳ то шаб мисли рӯбаҳ кӯ ба кӯ.

Ту набудӣ дар замона, буд чун гулзор даҳр,
Мушк дар дастат биафтад, гум намояд тез бӯ.

Ҳар варақ Қуръон бихон, он ҷо Худо баҳрат чи гуфт?
Дӯзахе гӯяд, ки дорад аз бахилон орзу.

## БЕ ШУМО

Эй рақибон, бе шумо шеърам наояд обдор,
Хунам аз кори шумо дар ҷӯш чун рӯди баҳор.

Чун шумо қаҳрам биёреду ба майдон мешавам,
Даъвате номус месозад маро бар кору зор.

Бе шумо танбал шавам, дар кор кӯшиш кунам,
Мекунам эҷод ман шеъру шумоён беқарор.

То ки ҳастам, бори маънӣ мекашад ин килки ман,
Баста роҳи ман нагардад, чун наям аз тухми мор.

Аз бахилон шод бошам, қудрате бар ман диҳанд,
Нав ба нав илҳом гирам ман зи онҳо дар канор.

Аз ғазаб шеърам биёяд бар мисоли симу зар,
Мекунад ҳар танбалиро байни ҷонам торумор.

Монда гардад мағзи ҷонам, лек боз аз қаҳри ӯ,
Мисли борон шеър ояд рӯи дафтар бешумор.

Ӯ ба сӯи қаҳрамонӣ тела бар ман медиҳад,
Вай диҳад дар роҳи эҷоде бароям иқтидор.

Варна ишқи шеър кайҳо буд рамида аз барам,
Ин замон, Ромин, наояд шеър бар мардум ба кор.

## ДОРАНД ПАЙВАСТА ҶАНГ

Дар миёни шоирони камҳунар пайваста ҷанг,
Ошиқе гӯё ҳама гаштанд бар духти қашанг,
Ошиқи духтар, валекин нест з-онҳо як нафар,
Аз бахилӣ ҳоли якдигар ҳамесозанд танг.
Ҳар яке хоҳад, ки танҳо вай бимонад байни халқ,
Ҷо биёбад мезанад ҳамкасби худ бо чӯбу санг.
Баҳри онҳо чун Худо табъи равон андак надод,
То ки гулдузӣ насозанд аз сухан ранги ба ранг.
Чун бахил душман бувад дар роҳи дин баҳри Худо,
Ҷумла шеъраш ҳаст бемаънӣ ва бар мисли диранг.
Гар биҷӯӣ байни шеъраш нест ҳарфи бихраде,
Гул намеёбӣ, вале ёбӣ ба қалби хеш занг.
Даст бар иншо задан дар фикри ман ҳаргиз набуд,
Беҳунар ҳолам ба шеърам мекунад пайваста танг.
Дар хаёлам буд, ки шоир пок бошад аз гуноҳ,
Беҳунар бӯи баде дорад, кон бадтар зи банг.
Ё Худо аз беҳунар пайдо ту садҳо кардаӣ,
То ки дар эҷод орад ҳоли Роминро ба танг.

## БЕЧОРАГӢ БА ТОРАШ БОР ШУД

Эй милал,бечорагӣ аз нав ба торат бор шуд,
Мисли деве гӯиё он дар биёбон ёр шуд.
Душманон пайваста дар макру фиребат будаанд,
Бо фиреби душманон ҳар ошно ағёр шуд.
Тоҷике бо тоҷик оварданд дар майдони ҷанг,
Баҳри тоҷик хонааш мисли тануру дор шуд.
Бенавое дӯш доро гашту доро бенаво,
Неъмати тоҷик ба дасти душману ағёр шуд.
Ман нанолам аз фалак, нолам ман аз бедонишӣ,
З-ин сабаб ин зиндагӣ аз баҳри моён нор шуд.
Ҳирс андар қалби баъзе қад кашида чун чанор,
Синаи доно кунун пурғуссаву озор шуд.
Гӯӣ, Ромин, ваҳдате дар байни моён нест ҳеҷ,
Ваҳдате бар чарх рафту ҷои он девор шуд.
Баҳри мо ҳафтод соле лозим ояд аз дигар,
Ин замон тоҷик ба олам латтаи бозор шуд.

## БЕГУНОҲ ОСОН БИМИРАД

Бегноҳ осон бимирад вақти мурдан дар ҷаҳон,
Чун надод озор касро не ба по, не бо забон.

Меҳри Яздон дар дилаш мисли гулистон мешукуфт,
Бо табассум ҳарф мегуфт ӯ ба пеши мардумон.

Буғзу кина дар дили ӯ ҳеҷ гоҳ маъво накард,
Дур худро дошт доим аз бадиҳои замон.

Не фалаҷ вай мешавад не кӯр андар пирияш,
Меравад бе дарди ҷонсӯз ӯ зи дунё ногаҳон.

Карда Яздон додани ҷонро сабук бар бегуноҳ,
Вақти ҷонгирӣ ҳамеояд малак аз осмон.

Баъди ҷон додан на вай аз суннию не аз шиа,
Меравад оҳиста-оҳиста ба сӯи он макон.

Пургунаҳ дар вақти ҷон додан шавад доим касал,
Баҳри ҳар як ҷурми худ сӯзад чу каҳ дар дегдон.

Мешавад безор аз ҷону надорад чорае,
Пеши фарзандон шавад шум,баста натвонад даҳон.

Гӯӣ, Ромин, кас мукофоташ бигирад аз Худо,
Кай бигардад сӯи он дунё аз ин дунё равон.

Қарз ҳар як ҷурм бошад дар ҷаҳон бар ҷони кас,
Дод бояд қарзи худ дар пеши мардум, дар ҷаҳон.

То ки панде он шавад аз баҳри фарзандони ӯ,
То насозанд он гунаҳ такрор боз аз пушташон.

## БАХИЛРО ГАР ДАҲР МЕДОД

Худо гар бар бахилон даҳр медод
Набуд андар ҷаҳон як фард озод.

Бахилро ҳеҷ номусе набошад,
Зи нони вай намегардад касе шод.

Занад вай зӯру вале шоне наёбад,
Диҳад матлаб ба нисфи роҳ барбод.

Ба ҳар маҷлис сухандон худ шуморад,
Вале андешааш монандаи бод.

Тарошад хешро ӯ халқпарвар,
Зи як муфлис намесозад вале ёд.

Чу ҳайвон зеҳн дар вай кунд бошад,
Вале беш аз дигар вай мезанад дод.

Хирадмандон аз ӯ доим ба гиря,
Ки тахт аз дасти вай аз по биафтод.

Сақар аз баҳри вай густурда «қолин»,
Кунад ӯро ба боғи хеш фарёд.

Бахилро дидӣ, Ромин, бас ба дунё,
Набудӣ як нафас аз вай ту озод.

Ба ҳар ҷое,ки боям мона будам,
Ҳамоно вай хабар аз худ ба ман дод.

## ШӮРУ ШАРЕ БИН

Чун даври қамар рафт, зи нав шӯру шаре бин,
Ин фисқу фасоди ду ҷаҳон дар гузаре бин.

Гаштаст бародар ба бародар ҳама душман,
Беқадр ба ҳар кӯча кунун лабшакаре бин.

Раҳме зи дили мардуми бисёр бирафтаст,
Он донаи хашму ғазабе аз писаре бин.

Тифлак ҳама доно шуда, пирон ҳама нодон,
Он хислати ҳайвонӣ дар ин баҳру баре бин.

Шуд шарм харобе ба дили духтари раъно,
Ҳар духт ба сайр аст, дар ӯ болу паре бин.

Он роҳи париро ҳама аз даст бидоданд,
Дар фитна шуда марду зани кинаваре бин.

Даҳ пояи инсонӣ фитод аз таги олам,
Дар деҳаю дар шаҳр кунун аз шараре бин.

Аз сол ба соле бишавад меҳр ба дил кам,
Ин зилзила дар даҳр кунун бар ба баре бин.

Ромин,ҳама ин ҳукм зи афлок ба ҳалқ аст,
Беҳ он нашавад, бори дигар насли шаре бин.

## БАР ҒУЛОМӢ САР НИҲОДАМ

Бар ғуломӣ сар ниҳодам ман ба пеши дилбарам,
Вай бувад дар зиндагонӣ беҳтарин болу парам.

Бас азобе дида аз ман дар ҷавонӣ рӯзу шаб,
Лек хомӯшаш бидидам доимо андар барам.

Ҳеҷ нашнидам, ки гӯяд ҳарфи сахте ӯ ба ман,
Даст ё ин ки бурдорад ба хашме бар харам.

Нуҳ фарзанде биоварду парасторӣ намуд,
Тоҷ андар зиндагонӣ ӯ ниҳода бар сарам.

Ҳар як аз фарзанд давлат буда моро дар ҳаёт,
Дилбарам ҳоло бувад, бегуфтугӯ, чун навкарам.

Буд ин ҳукми Худо, то мо занушӯйе шавем,
То биёяд аз фалак андар барам он ахтарам.

Зоти поке ҳаст аз мо покӣ дар дунё талаб,
Ҳар куҷо поям бимонам покӣ он ҷо мебарам.

Баҳри ин, Ромин, гирифтӣ зан зи авлоди худат,
Хуни поке дар ҷигарбандони ман, ҷонпарварам.

## ҶАЗБАИ МУҲАББАТ

Аз ҷабзаи муҳаббат девона гаштам акнун,
Аз дида ашк борад, аз дил ҳамеравад хун.

Чун филфиле бисӯзад ишқаш даруни сина,
Сад печ дар дили ман, бадтар шудам зи Маҷнун.

Он дилфиреби олам бошад чу маҳ мунаввар,
Оям ба даргаҳи ӯ, тобад ҷаҳон дигаргун.

Беғам нишастаасту гӯё хабар надорад,
Сӯзам, чу оби рӯде ҳар дам бигардад афзун.

Дар ҷомаи муҳаббат бошам ҳамеша дилтанг,
То коми дил нагирам, дар бозиям чу маймун.

Шуд ғилғилич ҷонам аз нозу ишваи вай,
Бо нози худ намуд ӯ моро кунун ҷигархун.

Фарёди ман расидаст аз суфлӣ то ба улвӣ,
Дар зери ноз бинам ӯро ба мили устун.

Ромин, ғамат фузун шуд аз баҳри он паризод,
Раъйе агар надорӣ бифган худат ба Ҷайҳун.

## АФҒОНАМ НАДОНӢ

Аз он рӯзе, ки бишнидам зи баъзе,
Ки мо маънои «Шоҳнома» надонем.
Барои ин варо моён ягон бор,
Намегирему онро ҳам нахонем.

Шудам аз ин ҷавобаш дар таҳайюр,
Чу тифле гаштаам дар кунҷ гирён.
Аҷаб гуфтам, аҷоиб давр бошад,
Накард он беҳаё нодонӣ пинҳон.

Чаро дар об ғарқе менагардӣ?
Чаро ҷон дорию чун ях ту сардӣ?
Ва ё ту шири моми худ нахӯрдӣ
Ва ё бо шакли мардӣ, худ на мардӣ?

Забони модарам дигар забон аст,
Макони ман на, эй мард, ин макон аст.
Забони тоҷикӣ додам китобе,
Бигӯ, ин баҳри ман чандум забон аст?

Валекин маънии «Шоҳнома» донам,
Низомию Ҳилолӣ ҳам бихонам.
Маро девона шеъри Шамс кардаст,
Шабон «Ҳофиз» ба зери сар бимонам.

Магар бенангӣ аз баҳрат набошад,
Забони модарии худ надонӣ?!
Магар бадноми он баҳрат набошад,
Ки аз нодоният «Ҳофиз» нахонӣ?!

Нависам бо забонат шеър равшан,
Валекин маънии он ҳам надонӣ.
Маро бар ҳоли зорат гиря ояд,
Вале мазмуни афғонам надонӣ.

## НОАЁНАМ МАН

Миёни мардуми бисёр доим ноаёнам ман,
Агар чи нурбахше баҳри мардум дар ҷаҳонам ман.

Надорам донишам пинҳон на аз хешону бегона,
Агар пирам,вале дар боғи дониш чун ҷавонам ман.

Тафовут баҳри ман ҳаргиз набошад байни ин олам,
Ба ин дилсӯзиям дар байни мардум ҷовидонам ман.

Бидорам дӯст ман халқи Худоро рӯи ин дунё,
Ки манро дӯст ӯ дорад,ки бедоду фиғонам ман .

Ҳакиқат аз барои ман бувад хуршеди тобоне,
Дар ин роҳ доимо монанди аскар посбонам ман.

Ба кирдори расулон менамоям зиндагӣ дар даҳр,
Ба мисли як гули зебо миёни бӯстонам ман.

Диле дорам, ки бошад софтар аз чашмаи Носир,
Ба ҳар ҳоле, ки мебошам, ба ин хӯям равонам ман.

Худо донад, ки дар зотам набошад хуни ағёре,
Ба сад асре бидонад аҳли маънӣ, з-ориёнам ман.

Ҳама он илми ирфонӣ бароям чун маҳи равшан,
Вале бо донишам дар байни мардум чун ниҳонам ман.

Туро, Ромин, намебошад ягон ҳамто дар ин ҳикмат,
Ки аз он зоти поки мардуми равшандилонам ман.

## ТО ТУ БИЁӢ

Гила аз дил биравад, то ту биёӣ ба барам,
Фикри он бӯсу каноре бирасад, ҷон, ба сарам.

Фитнаи зиндагиро дарс диҳад ишқу ҳавас,
Дода гар дил бишавад, теғ расад дар ҷигарам.

Мунтазирам ҳама дам дар ҳаваси тути лабат,
Роҳпоӣ бикунам гарчи бувад сад хатарам.

Донӣ, ишқ бувад ларзони шаҷар,
Гар ту бошӣ ба барам, сабз бубинам шаҷарам.

Пои шайтон ту бикан, то ки ғам аз сина равад,
Ҳам ба пешат бирасад муждаву некӯ хабаре.

Рашк чун оташи сӯзон бизанад шӯъла зи дил,
Накунад тоқати он ҳеҷ замоне назарам.

Қалби бедор маро нур диҳад мисли чароғ,
Дар шабистони муҳаббат ҳама дам ҷилвагарам.

Ноз дорам, ки чунин моҳ ба паҳлуи ман аст,
Ғайри он рӯи ҷаҳон ҳеҷ дигар маҳ нахарам.

Дод Аллоҳ туро ҷумла зану духт ба даҳр,
Гуфт: Ромин,ки кадоме, ки бихоҳам, бибарам.

## ГУЛ БИКУНАД

Ғунчаи фикру хаёлам ба даме гул бикунад,
Маст дар як нафасе тӯтию булбул бикунад.

Кишвари кишти хаёлам ҳама дам пур зи бар аст,
Кишт аз лолау нилуфару сумбул бикунад.

Як назар сӯи гулистон бикунад гар назарам,
Аз гулу ғунчаи нав тез тасалсул бикунад.

Нархи ҳар як суханам бешар аз симу зар аст,
Ақл бошад пайи ҳам бахт таҷаммул бикунад.

Ҳар касе гӯш диҳад як нафасе бар суханам,
Он бурун аз сари ӯ кибру тағофул бихунд.

Дили пуроташи манро набувад ҳеҷ қарор,
К-ӯ басе давр ба эҷод татовул бикунад.

Ғайри Ромин кӣ бувад бастаи он ишқи Худо?
Лек гоҳе нигарам, боз тағофул бикунад.

Шуд басе ҷабр дар ин мулк ба ин хонаи дил,
То ба ҳоло нигарӣ, сахт таҳаммул бикунад.

## ЗИНДАГӢ МЕГУЗАРАД

Зиндагӣ неку баде, аз сари моён гузарад,
Зиндагӣ абру ҳаво буда, чу борон гузарад.

Ҳар чи хоҳӣ, нашавад ҳеҷ ба он хоҳиши ту,
Мисли он бод, ки аз роҳи биёбон гузарад.

Орзу мисл хаёле набувад поя дар он,
Чанд вақте биравад, мисли зимистон гузарад,

Гар Худо нест ризо майли ту барбод равад,
Нолаи бехирад аз ахтари кайҳон гузарад.

Омадӣ, дур ту худ дор зи ҳар ҷурму гуноҳ,
К-ин ҳама кори ҷаҳон аз сари мардон гузарад.

Давлати ҳақ нарасад баҳри ҳама рӯи ҷахон,
Он яке шоду дигар боғами ба зиндон гузарад.

Ҷаҳд бисёр макун, хасм ба дар омадааст,
Зиндагонӣ зи сарат ҷамъу парешон гузарад.

Ромино, зиндагӣ бад гашта ба дарони ту, бин,
Бин, ки он неку баде боз пурармон гузарад.

## ДАР МАЗАММАТИ НОМАРД

Дар миёни чор дарё мондаӣ бар мисли санг
Об аз ҳар сӯе намуда ҳоли беҳоли ту танг.

Орзуи зиндагии ҷаннатӣ дори ба сар,
Лек мадҳушӣ чаро аз нашъаи афюну банг.

Хислати инсониро аз пушти гавҳар карди гум,
Офият дигар намонӣ, чун туӣ ҳамсони чанг.

Чун шараф аз бурҷи толеъат бурун парвоз кард,
Обрӯят лой гашту тар бишуд дар обу занг.

Марди номӯсе набудӣ лофи он гар мезанӣ,
Дон, лаҷомат мекашанд аз ҷои даркорӣ таранг.

Будӣ бефарҳанг ту монандаи ҳар деву дад,
Лек бо ҳайвоният ҳам мекунӣ моро гаранг.

Ҳаст ҷоят дар кафан он ҷо наозорӣ касе,
Чун батар бошӣ зи ҳар як гурги хунхору паланг.

Ҳастӣ ҷохил, лек худро боз доно бишмарӣ.
Дид Ромин, нестӣ ҳаргиз зи мардони заранг.

## БОЗ ОМАДАМ

Эй наргиси хандони ман,боз омадам, боз омадам,
Эй оташи сӯзони ман,боз омадам,бозомадам.

Дорам ҳавои бӯсаҳо, дар интизорат чун гадо,
Ҳам дарду ҳам дармони ман,боз омадам,боз омадам.

Дунё биёбон кардаӣ, ин дил ба савдо бурдаи,
Эй шодию афғони ман,боз омадам,боз омадам.

Гулпеч кардӣ хони дил афтода кардӣ рӯи гил,
Эй моҳи нурафшони ман,боз омадам,боз омадам.

Дил бо хаёлат маст шуд, ақлам бирафт, аз даст шуд,
Эй шабнаму борони ман,боз омадам,боз омадам.

Ман ноламу бошӣ хамӯш аз ҳарфи ман бинмо ту гӯш,
Ҳастӣ ту чун кайҳони ман,боз омадам,боз омадам.

Сад ҷон фидои рӯи ту ҷонам фидои мӯи ту,
Тоқат намонд, эй ҷони ман, боз омадам, боз омадам.

Ромин, ту акнун бо сухан берун бикун ёр аз чаман,
Гуфтам, ки асли ҷони ман, боз омадам, боз омадам.

## АФСОНАИ ДИЛ ГӮЯМ

Як шаб ба барат оям, афсонаи дил гӯям,
Бишнав зи нав афсона, сӯят бикуам рӯям.

Ман кунҷи вафодорӣ чун хона ба худ кардам,
Ин роҳи вафо доим аз баҳри ту мепӯям.

Дарвозаи дил бикшо, ишқам ба дилат кун ҷо,
То накҳати онро ман андар дили ту бӯям.

Шуд ишқ даруни дил, дигар набарад хобат,
З-он нола ба гӯш ояд чун шар-шара аз ҷӯям.

Бингар ба рухам як дам, бинӣ ту дар он аз ғам,
Аз боди мухолифҳо испед нигар мӯям.

Ҳар субҳ баро аз дар, рӯмол намо бар сар,
Оҳиставу ба пинҳонӣ чашмак ту бизан сӯям.

Ромин ту аз он дилбар ғофил нашавӣ дигар,
Бонанг бишав доим, ман бар ту дуогӯям.

## ЛӮЪБАТИ НОДОНИ МАН

Эй ғунчаи хандони ман, эй луъбати нодони ман,
Бигрифтаи ин ҷони ман, дар дасти ту дармони ман.
Ишқи туро дорам ба сар, оташ задӣ андар ҷигар,
Дорӣ зи ҳоли ман хабар,эй гулрухи фаттони ман?
Нозу карашма ҳар нафас кушта кунӣ мурғи қафас,
Гӯӣ сипас бар ман нарас, эй оташи сӯзони ман.
Ҷонро зи тан берун сад тан ба дам бехун кунӣ,
Инро чуну он чун кунӣ,оне туӣ армони ман.
Бурди сабурӣ аз дилам, дуде барояд аз гилам,
Дурӣ маҷӯ аз манзилам, дар тоату фармони ман.
Хомӯш натвонам кунун, оташ баромад бар бурун,
Аз дил чакад дарёи хун, раҳме намо ҷонони ман.
Чун гул шукуфтӣ рӯ ба рӯ, бе май шудам ман масти бӯ,
Ин дил чӣ дорад гуфтугӯ,бишнав маҳи тобони ман.
Ромин дару дарвозаро аз банду занҷире кушо,
Бингар,ки ояд маҳлиқо он ғунчаи хандони ман.

## НОЗ НАДОРАМ

Ман надорам ноз, гар бошам ба Яздон ошно,
Хоксорӣ аз Худо дорам ҳамеша илтиҷо.

То ки монам байни мардум, хоксорӣ – кори ман,
Ман ба дарди обрӯ ҳаргиз набошам мубтало.

Одами фозил наҷӯяд ҷои боло дар ҷаҳон,
Вай ҳамеша чун палосе аст андар зери по.

Кӯшише дорам миёни мардумон то ки касе,
Хастадил асло мабод аз кору бору ҳарфи мо.

Чун Худо худ хоксоре ҳаст бо он қудраташ,
Гар касе пурноз бошад аз дами Ҳақ вай ҷудо.

Ноз дар он кас бувад, к-онро хирад бошад заиф,
Бар ғами худ чун дадон бошад ҳамеша мубтало.

Аз расулон бояд омӯхтан тарзи зиндагӣ,
Бо тамоми ранҷ буданд аз раҳи ҳар бад ҷудо.

Бин, ки Ромин, мардумон тарке зи дини худ кунанд,
Зиндагӣ маҷбурашон бинмуд бар мисли бало.

Ноз бо ақлам кунам, ки нозук аст монанди гул,
Хоксорам бо ҳама ин ошноӣ бо Худо.

## БАЁН ОҲИСТА-ОҲИСТА

Ба ҳар сӯе,ки рӯ орам аён оҳиста- оҳиста,
Сухан бепарда месозам баён оҳиста-оҳиста.

Намехонӣ ,намедонӣ дар ин дунёи нодонӣ,
Китобе гир бо шавқу бихон оҳиста-оҳиста.

Агар худро ту нашносӣ, набишносад туро ҳам кас,
Чу селе бо такон бигзар равон оҳиста-оҳиста.

Хурӯшон бош чун дарё, намон чун кӯл дар як ҷо,
Барафрӯз ному ҷон дар ҷаҳон оҳиста-оҳиста.

Насиҳат беҳ зи зар бошад,ки роҳат з-он ту меёбӣ,
Ба пирон бингару бар корашон оҳиста-оҳиста.

Набошӣ чун гилеме ту,ки пояндози кас бошӣ,
Ба пешат гирд овар оқилон оҳиста-оҳиста.

Бидодам умри худ барбод, аз он мекунам ман ёд,
Ки дорам ман зи нодонӣ фиғон оҳиста –оҳиста.

Машав Ромин, аз ин ғамгин, ки бошад аспу бошад зин,
Ҳамеёбӣ ба он қамчин, давон оҳиста-оҳиста.

## ЗӮРИЯТ БОД ШАВАД

Гар бародар бикушӣ душман аз он шод шавад,
Хона вайрона,ки шуд зӯрии ту бод шавад.
Зӯрият ҳаст ба ихвону на бо ғайр касе,
Дӯст бошӣ ту агар, хонаат обод шавад.
Нукате ҳаст дар ин роҳ бихон боз аз он,
Ёр бошӣ ту агар, ғам зи раҳ озод шавад.
Марди танҳо чӣ тавон кард агар сел расад,
Пеши бегона магар рафта ба фарёд шавад?
Қотилоне пеши Худоянд баробар ба сагон,
Зулм ояд ба сарат, бар ту кӣ имдод шавад?
Зӯри бозу биравад мисли ғуборе ба ҳаво,
Кори бемантиқи ту дар ҳама дам ёд шавад.
Мӯр,Ромин, надиҳӣ ҳеҷ ту озор ба даҳр,
Ақл чун шаҳри навин аст, ки бунёд шавад.

## ОФАРИН БАР МОДАРАТ

*Ба муносибати 1000 - солагии*
*Носири Хусрав*

Офарин бар модарат, ки зодааст некӯ писар,
Ҳастӣ дар ҳикмат ба ин дунё мисоли як падар.

Дин бикардӣ тадқиқу роҳи ҳақ овардӣ ба пеш,
Бар ҳарифон доимо дар ҳар макон кардӣ зафар.

Пешгӯӣ кардаӣ з-асре, ки он дар пеш буд,
То қиёмат гуфтаӣ аз рафти ин дунё хабар.

Он фасоде гуфтаӣ, омад кунун бар авҷи хеш,
Фош мерезад кунун хун аз забони ҳар табар.

Ҷоҳиле боло бирафту олиме аз пой шуд,
Мехӯрад аз дасти ҷоҳил вай кунун хуни ҷигар.

Он яке аз гуфтаат ҳоло надидам ошкор,
То бигирад Ҳақ зи рӯяш парда дар соли дигар.

Гарчи ман ҳам бохабар бисёр бошам аз ҷаҳон,
Чун ливо дидам туро андар ҷаҳон болои сар.

Илми ғайб аз ёд кардӣ, гуфтаи Даҷҷол ҳам,
Халқ аз дасташ бинӯшад заҳр дар ҷои шакар.

Сурхрӯе омаду даврони ӯ поён расид,
Носири Хусрав, зи ҳоли он ту будӣ бохабар.

## ҲАРФИ ХЕШ БОЯД ГУФТ

Аз нигоҳи хеш бояд шеъри тар эҷод кард,
Қасраки бепоя на, бемислро бунёд кард.
Фикри ғайре гар шунидӣ дон,ки он моли ту нест,
Он ҳамоно аз дили худ чун ғуборе бод кард.
Шоирон бояд ки бошанд пешгоми асри худ,
Мардумон аз пушти худ ҳар соате фарёд кард.
Моли ғайри кас бидуздӣ зардрӯӣ оварад,
Маънии навро биҷуста, халқро з-он шод кард.
Шоир ин хуршед бошад байни мардум дар замин,
Аз фиребу макри одам халқро озод кард.
Гар нашуд ӯ пешвои халқ, аз шераш чӣ суд,
Қалби ҳар як ғамзада бояд ба шеъраш шод кард.
Аз рухи гул бӯ мешам ишқ бину тозагӣ,
Пеш аз эҷоди шеъре ин ҳама аз ёд кард.
Гуфтаи Ромин набошад аз ғараз ҳам як нафас,
Табъи воло баҳри шоирҳо Худо имдод кард.

## ҲАРФ НАЁБАМ

Аз ишқ кунам қисса, вале ҳарф наёбам,
Гарчанд шабу рӯз дар ин фикр на хобам.
Гӯё ба ҷаҳон ҳарфи наве ҳеҷ намонда,
Ман сӯи фалак баҳри суханҳо ба шитобам,
Додаст Худо табъи равон,лек чи гӯям,
К-он ҳарфи наве нест ба нону на ба обам.
Ҷон гӯям агар, пеш зи ман гуфта буданд он,
Шояд ки дигар ҳарфи наве ҳеҷ накобам.
Сад шукр бигӯям, аз ин нест халосӣ,
Чанде назадам захма ба он тори рубобам.
Ромин,ғами ҷонон, ки туро ҳукм намудаст,
Фурсат надиҳад даст, ки гардад кам азобам.
Эй ғунчаи армон, ба ту бахшам дилу ҷонам,
Рӯзе бирасад баҳри ту он ҳарф биёбам.

## САБРАМ ЗИ ДИЛ БАДАР КАРД

Он ҳусни дилкаши ту сабр аз дилам бадар кард,
Он хоки пой аз нав дар ҳар қадам ба сар кард.
Гулзор рафта будам, чун гул надидам он ҷо,
Бонги ҳавас зи хонам аз дар ба пушти дар кард.
Ҷонам бирафт аз даст, он дам ки рӯ-т дидам,
Лекин чӣ ҳосил аз он сад сӯз дар ҷигар кард.
Шуд талх зиндагонӣ оташ ба қалб афрӯхт,
Ақлу хаёли моро дар даҳр бесамар кард.
Донам, ки дӯст дорӣ, натвонӣ лек гуфтан,
Душман миёни моён худро дару сипар кард.
Ишқат тилисм буда, ки баста дасту поям,
Бо бӯсахои ширин заҳре ба ман шакар кард.
Ромин, ба банди афсун афтодаӣ зи дасташ,
Ин зиндагӣ бароям бисёр пурхатар кард.

## ИШҚ ҶОВИДОНИСТ

Ин дарди ишқ дар дил дигар намешавад кам,
Ҷӯше даруни сина он мезанад ба ҳар дам.
Равшан дилам намояд гарчи барад ба ҷанҷол,
Нақшаш даруни сина бошад ба мисли хотам.
Ҳар гулрухи гулистон дилро кашад ба сӯяш,
Маҷбур мешавам ман, аммо намезанам дам.
Пайваста ҷангу ҷанҷол аз мо ба рӯи роҳаш,
Аз дарди дил ҳамеша ду дида буда пурнам.
Эй офтоби хубон, то кай гадоӣ созам,
Камёбу дурр гаштӣ инак ба мисли шабнам.
Ман шарм дорам, эй ҷон,аз ошиқӣ ба дунё,
Лекин чи чора созам, гар худ шаванд сархам.
Андар мизони толеъ толеи ман пуроташ,
Моро нишаст бояд ҳар субху шом бо ҳам.

Эй гулрухи замона, ман ошиқи ҷамолат,
Натвонаме ҷудоӣ, оғушта гашта дар ғам.
Ромин, чу нури Яздон пурнур карда рӯят,
Аз баҳри ин чи гӯӣ, ё з-ин намезанӣ дам?

## ХУДРО МАЁЗОР

Сиёсатдон наӣ, худро маёзор,
На гул, он буда балки буттаи хор.
Тафовут гар накардӣ нек аз бад,
Биафтодӣ миёни аждару мор.
Ҳамеша дурбин бояд дар он буд,
Вагар на сар занад бар санги девор.
Дар он бояд зи хурдӣ гом бинҳод,
Ба пирӣ он туро чун гулхану дор.
Сиёсат баҳри ҷоҳил раҳ надорад,
Ки он аз баҳри зирак нағмаву тор.
Сиёсат бар раҳи бад мебарад кас,
Ҳама айби туро созад намудор.
Туро дастат ҳамеша байни хун аст,
Ки хун аз хун шавад доим талабгор.
Басе мардум бидидам ман ба ин раҳ,
Ки ҷон доданд аз дасташ дами кор.
Касе гар раҳ набинад сӯи фардо,
Дар ин рах вай бувад монанди бемор.
Зи аввал то ба пас бинам ҷаҳонро,
Сиёсат кардаам чун хок шудгор.
Валекин ман ба он майле надорам,
Намесозам худамро ман гунаҳгор.
Дили Ромин зи он дур асту дур аст,
Агар равшан ба вай даҳр аст бисёр.

## ГАШТАНД ЗИЁД

Фолбин имрӯзу мулло гашта аз байтам зиёд,
Моли мардум мешавад бо дасти онҳо хоку бод.

Фолбин гӯяд ки моро ёр бошад Шаҳ Ҳусейн,
В-он дигар гӯяд, ки дар хобе бидидам Нуҳу Од.

Ин барояд чун бигӯяд, он бигӯяд инчунин,
Дониши моён бувад аз ин ҳама мардум зиёд.

Бар сари ҳикмат биёӣ, ӯ надонад чист он,
Халқи бечора зи дасташ омада алъон ба дод.

Аз алиф чун бехабар муллоу, лекин баҳси вай
Гӯиё ҷоҳи Муҳаммад, курсии дин вай ниҳод.

Вай қиёмат рад кунад онро надонад ӯ, ки чист,
Аз дурӯғи беканораш беҳаё бисёр шод.

Гар бипурсӣ чист имон, лаб ба дандон мегазад,
Дар гумонаш он малак бошад, зи нуре вай бизод.

Гар зи Қуръон ҳар ҳичо бояд бихони ту баланд,
Дар ҷаноза нашнавӣ ҳарфу ҳиҷо аз номурод.

Зери лаб бум-бум намояд куф кунад бар чор сӯ,
Вой, аҷаб даври расида, эй Худо, бар дод дод!

Бад бубинӣ, Ромин, аз муллою ҳам аз фолбин,
Нафси худ аз дину эмон дар ҷахон боло ниҳод.

Гар будам ман дӯст бо афлок андар бист сол,
Лек илми ғайбро аз баҳри ман ҳаргиз надод.

*Соли 2000*

## БАЙНИ ЯЪҶУҶОН

Гузар афтод моро байни яъҷуҷ,
Якеро дида будам ман ба минбар.
Фалак аз доди вай омад ба ҷунбиш,
Зи ҳангаш гӯши гову хар бишуд кар.

Бигуфто: хуни одам ҳаст ширин,
Бирезеду ҳамоно нӯш созед.
Агар одам кушӣ, ҷаннат биёбӣ
Ба тори халқи боимон битозед.

Ҳамаро хонабардӯше намоед,
Дигар ман нашнавам аз номи одам.
Зи яъҷуҷон дар ин дам «урра» бархост,
Ки хуне мемаканд онҳо зи олам.

Дигар бар минбар омад гуфт он гоҳ,
Қасам бар шири модар, марди доно.
Бирезам ман зи одам хуни бисёр,
Шавад бар рӯи дунё он чу дарё.

Бурун аз парда омад деви бадмаст,
Ба ҳар деҳ монд по, вайрона кард он.
Гурезон гашт инсон аз маконаш,
Зи дасти деву ҷин сӯи биёбон.

Надонистанд онҳо, он Худованд,
Бувад дар сурати одам ба пешаш.
Ба фардо мекунад з-онҳо ҳама пок,
Кунад вай нест девон баҳри кешаш.

## БИХОН МУТРИБ НАВОИ ХУШ

Бихон мутриб навои хуш, ки то ҳушам ба сар ояд,
Зи бехунӣ ба ҷо мондам, ки то ёрам зи дар ояд.

Ҳавас моро барад ҳар дам ба сӯи боғу гулзоре,
Ҷаҳон пурхун кунун бинам, ки нор аз обу баҳр ояд.

Фалак печида дар худ гашт, файзаш бурд аз дунё,
Ки деву ҷин бурун омад, чу мӯрон он бадар ояд.

Намонда меҳр дар дунё, ки гӯё об шуд чун барф,
Ба ҳар ҷо раъд мехезад, ки одамро хатар ояд.

Қиёмат зери по омад, каҳе дар ҷилва акнун шуд,
Саре дар по қадам дар сар, ки захре аз шакар ояд.

Камон андар сухан акнун, ҳама дониш ба дасти ӯст,
Куҷо рафтан, чиро гуфтан, ба дасти бепадар ояд.

Равон пажмурда дар танҳо, маризон монда бедармон,
Фиғон аз тифли навзоде, ки хоке рӯи зар ояд.

Ту дилсӯзӣ маҷӯ, Ромин, ки одам мисли девон шуд,
Ба чашми ақли худ бинӣ, ки оташ дар шаҷар ояд.

## РАВОНАМ БА СӮИ ТУ

Бо корвони ишқ равонам ба сӯи ту,
Кай мерасам, валек надонам ба кӯи ту.

Дар байни деҳу шаҳр кунам ҷустуҷӯ туро,
Аз дур мерасад ба димоғам чу бӯи ту.

Дар хоб ҳар шабе бизанам бӯса бар лабат,
Чун шабнаме чакам зи само ман ба рӯи ту.

Дунё гузар намояду ман чун бувам ба ҷо,
Аз по задам ҳамеша ман аз бӯи мӯи ту.

Чун тарки ишқ созам агар, ҷон диҳам зи даст,
Эй навниҳоли ман, бикунам ҷустуҷуи ту.

Ақлам ғуломи ишқи туву, банда бутпараст,
Бозори ҳусн дам зада дар гуфтугӯи ту.

Нури рухат фишонд ба дил оташе зи ишқ
Сирри дилам бурун шуда аз мушкбӯи ту.

Бошӣ қашанг мисли маҳи нав ба шоми тор,
Оям ба пеш нӯш кунам з-оби ҷӯи ту.

Ромин, сабурӣ додаӣ акнун зидасти хеш,
Андар хаёли ман ҳама дам ҳусни рӯи ту.

## МАГАР ДАВЛАТИ МО БУД

Ин давлати бесим магар давлати мо буд?
Ин халқи гадо пеш магар халқи гадо буд?

Бегона биомад, ғами мо мисли падар хӯрд,
Андар дили он ҷой ҳамон меҳру вафо буд.

Ҳафтоду ду соле ҳама омӯхт тифоқӣ,
Аз рафтани вай ақл магар барфи само буд?

Ағёр зи хунхории худ шод бигардад,
Ин хешкушиҳо магар ақли расо буд?

Аз Шӯравӣ мардум гиламанду чӣ аз он ёфт,
Монанди падар ҳар нафасон дар бари мо буд.

Озод бигаштему ҳама шодии мо рафт,
Озодии мо баҳри ҳама мисли бало буд.

Ҳар деву даде даст ба куштор ниҳоданд,
Он оҳу фиғон он нафасе то ба само буд.

Ҷохил хама ин давлати мо зеру забар кард,
Дар кӯчау ҳар боғ аз он дуду дағо буд.

Ромин, ғами ин халқ туро хору забун кард,
Гӯйӣ, ки гули меҳр аз ин халқ чудо буд?

## ДАВРАИ НОБОБ

Дврaи нобоб омад бар сари моён кунун,
Ҷоҳилон карданд бар мо зиндагонӣ вожгун.

Ҳар кӣ меҳнат мекунад, инак набинад роҳате,
Ҳар касе бекор бошад, зиндагияш пурфунун.

Ин замон бемағз акнун бойи дунё гаштааст,
Дасти вай бошад ҳамеша дар миёни ҷӯи хун.

Давраи гургу паланге қомати худ рост кард,
Аз барои бенаво акнун бигӯяд ин забун.

Дар Душанбе карда бозору тарабхона ҳама,
Кобулеро ёд орад, чун надорад вай сутун.

Модиён нархар бигашта, мокиён гашта хурӯс,
Аспи тозӣ мурдаасту ҳоли товус он забун.

Бесамар аз даври худ шодӣ чу маймун мекунад,
Чун намедонад,ки омад нестӣ дар ин қулун.

Чун қиёмат баркушода дафтараш бар мардумон,
Оташи мурдан кунун гардид дар дунё фузун.

Зиндагӣ, Ромин, шавад аз пеш бас ҳам нектар,
Бист соле пеш гуфтанд аз бароят ин сухун.

## БУХЛ ДАР ШИРИ МОДАР АСТ

Дар мусулмонон бахилӣ байни шири модар аст,
Парварад дар синааш, гӯё барояш вай зар аст.

Кӯдаки даҳсола ҳам бини, ки ёди он кунад,
Баҳри вай гӯё, ки он бар мисли ширу шаккар аст.

Ҳар киро дониш Худо додаст, вай безор аз он,
Он ки танбал буда, ӯро вай ҳамеша сарвар аст.

Дарк бояд кард, неру медиҳад бар кас Худо,
Ҳар касе инро надонад, бар гумонам, вай хар аст.

Мебарад касро бахилӣ бар дари дӯзах фақат,
Он ки бо вай ёр шуд, гӯянд мардум, абтар аст.

Ифтихоре аз ҳунармандони худ бояд намуд,
Ҳар ҳунарманди бузурге мисли лаълу гавҳар аст.

Гар маро неру набошад, аз Худо созам талаб,
Дасти вай бошад замину осмон пурахтар аст.

Зиндагӣ майдони ҳарбу зарб бошад, ҳарб кун,
Ҷаҳд бар меҳнат бибояд, он ба инсон зевар аст.

Пас чаро ин бухл танҳо дар мусалмон зиндааст?
Халқ ҳар ҷо бойтар, он ҷо бахилӣ камтар аст.

Гуфт Ромин: ман бахилонро бидидам беҳисоб,
Қалби ман аз бухли онҳо то ба ҳоло ахгар аст.

## ҲАВАСИ НУРИ ХУДО КУН

Эй дил, ту ҳамон нури Худоро ҳавасе кун,
Андар талабаш рӯзу шабон саъй басе кун.

Афрӯз ба дил ишқи варо мисли чароғе,
Дар олами ҷисмонӣ ту он дастрасе кун.

Ҳақ дар раҳи мо нурфишон аст ҳамеша,
Шукронагузори баракоташ ба касе кун.

Баркӯш ба мадҳаш,ки сазовор чу ӯ нест,
Он ишқи Худоро ҳамасоат ҳавасе кун.

Меҳроби хаёлат бинамо банд ба сӯяш,
Меҳри дигарон аз дили худ бозпасе кун.

Ақлу ҳунаре бар ту расад аз назари ӯ,
Ҷонро ба фидояш ба ҷаҳон ҳар нафасе кун.

Баргӯй Худо рӯзу шабу боз Худо гӯй,
Зодӣ ту зи модар, фақат он дастрасе кун.

Ромин,ки расидаст ба кӯяш хабаре шав,
Дар раҳи расидан ту ба ӯ ҷаҳд басе кун.

## ЭЙ ҲАБИБ

Ман ғарибам бетабибам, эй ҳабибам, эй ҳабиб,
Кош мегаштӣ бароям як замоне ту муҳибб.

Ҳамчу Маҷнун дар биёбон нолаҳо дорам мудом,
Ман биболам баҳри ман гардӣ агар чун гул насиб.

Синаи садчок дорам з-ишқи ту, эй гулбадан,
Чуз ту дар дунё нахоҳам ман ягонеро табиб.

Ҷабзаи ишқат маро овард бар дунёи меҳр,
Зери по овард чун шере, ки меорад рақиб.

Байни моён аҳду паймоне бувад, з-он ёд дор,
Дар хаёлам, мекунӣ моро зи ишрат бенасиб.

Бе ту ханда дар лаби ман гул насозад лаҳзае,
Гирди шаҳристон бигардам аз бароят чун ғариб,

Ҷаннатам, моро ту дар дӯзах фигандӣ байни нор,
Аз барои он Худо бингар,ки гаштам ман машиб.

Мекашӣ дилро ба сӯят, то набинам ғайри ту,
Бар ту мегӯям, ки ғайри ман надорӣ кас муҳибб.

Фитна ангезӣ, ки Ромин боз бар сӯзе фитад,
Ман гирифтори муҳаббат, шав ба дарди ман табиб.

## ШАЙТОН БИГӮЯД…

Шайтон бигӯяд: ман Худо, бовар ба гуфторам намо,
Бовар насозӣ гар ба ман, созам туро аз ҷон ҷудо.

Пешат биёяд як замон ё мард ё мисли занон,
Вай ояду аз пушти ӯ ояд чу тӯфоне бало.

Сад мӯъҷиза дар як нафас бар ту намояд пешкаш,
Ақлат рабояд аз сарат, гардӣ ба шайтон мубтало.

Шайтон басо доно бувад бадрӯю ҳам зебо бувад,
Вай душмане бар одамон,одам барад сӯи зино.

Бар гӯши ту гӯяд ваҳӣ, онро чу ҷон мепарварӣ,
Охир пушаймоне шавӣ, шайтон надорад як лиқо.

Вай бад бубинад одамон, лаънат зи баҳраш ёфтан,
Чун мор вай андар ҷахон,бо вай бикун доим видоъ.

Ё Раб, шаётин дар замин дар банд кун, ҳолаш бубин,
Ғарқе кунад касро ба ҷурм, онро панаҳ кун дар само.

Аз раҳ туро бераҳ кунад, ошиқ ба рӯи маҳ кунад,
Сӯзӣ, надонӣ кори худ, қотил бигардӣ ҷо ба ҷо.

Ромин зи шайтон дур шуд, ҳам бар сари ӯ зӯр шуд,
Сабре ба роҳам нур шуд, ман бандаам баҳри Худо.

## ШОИРӢ ДОДИ ХУДОСТ

Шоирӣ доди Худо ҳасту на он нақши нигор,
К-аз муҳаббат бикашӣ зуд ту онро канор.

Гар Худо табъи равон бар ту ато ҳеҷ накард,
Бой умрат бидиҳӣ аз паси он чун ба қимор.

Гуфтани байти хуше бар ҳама осон набувад,
На ҳама сайд тавон кард зи оҳу ба шикор.

Қуввати хеш нигар то ба куҷо мебарадат,
Лек пуч аст надорӣ ту агар ишқу хумор.

Гар зи афлок туро роҳкушо Ҳақ нашавад,
Ту зи сустӣ бикунӣ боз аз ин боғ фирор.

Ту ба Ҳофиз бинигар то ба куҷо бурд насаб,
Чун Худо кард ато аз бари ӯ шаҳди анор.

Ҳар кӣ бояд талабад минбари худ рӯи замин,
Варна он ранҷ кашад чун шутуре дар таги бор.

Булҳавасро нарасад боғи сухан, барги умед,
Ин на молаш ,ки занад даст ба он чун ба дутор.

Баҳри курсӣ ба дари шеър давиданд басе,
Саф ба саф омада як шеър надоранд ба бор.

Аз ҳасад чун сипаре бар раҳи дигар бишаванд,
То намиранд нагарданд аз ин кор канор.

Гуфтӣ:Ромин,ки Худо дар бари ту вақт расад,
Номи ту рӯи ҷаҳон паҳн шавад мисли шиор.

## ШАРМУ ҲАЁ РАФТ

Бингар, ки зи мардум ҳамаи шарму ҳаё рафт,
Аз байни халоиқ ҳама он меҳру вафо рафт.

Хар шишаи дил занг заду хирасаре шуд,
Аз рӯи хирад, дар назарам, тобу ҷило рафт.

Қонуни мусулмонӣ бадар гашта зи дилҳо,
Аз одами доно ба кунун қадру баҳо рафт.

Аз боғи хирад шоху шаҷар дода ба оташ,
Дар деҳаю дар шаҳр басе кори зино рафт.

Тасбеҳ таги пой фитодаст чу муме,
Берун зи дилон ин нафасе ҳарфи Худо рафт.

Аз зиндагии хеш басо сер бигаштанд,
Он ноз, ки буд пеш, кунун он ба само рафт.

Ахлоқ надонанд кунун мисли фулусе,
Дар мунтазири онӣ, чӣ донӣ, ки чиҳо рафт.

Ромин, дили бенанг кунун қофиласолор,
Номус ғуборе бишуду аз дили мо рафт.

Ҷуз ишрати дунёӣ касе ҳеҷ надонад,
Гӯё ба дилаш бар нафасе кухи бало рафт.

## ЗИЁӢ

Аз зиёӣ дар умедӣ, лек он бошад гадо,
Чанд соле даргузашту ӯ нашуд аз ин раҳо.

Зиндагии пасти ӯ карда хаёлашро хароб,
Гашт вай аз ихтиёри хеш ҳар соат ҷудо.

Чашми қалби вай бубинад кори дунёро зи пеш,
Лек нодонон кунун партофтанд онро қафо.

Ҳар Зиёӣ байрақи армони давлат будааст,
Бе зиёӣ нест дар дунё на меҳру не вафо.

Бо зиёӣ мешиносанд ин Ватан бегонагон,
Чунки он бошад ба ҳар давлат ба монанди лиқо.

Ман ғами мардум намудам бор андар дӯши хеш,
Рафт дар ин роҳ алъон аз дилу ҷонам ибо.

Ҷони худ дар рӯи каф мондам басе аз баҳри халқ,
Ҳақпарастӣ мисли мазҳаб баҳри ман бошад ливо.

Гар бигирӣ дасти касро ӯ бигирад дасти ту,
Ин тариқат не зи мову, балки он з-они Худо.

Дар дили Ромин ягон давре ғаразро ҷо набуд,
Он чи вай донад, надонад не вазиру не гадо.

Такя бар гуфтори доно кард бояд дар ҳаёт,
Ҳарфи нодон мисли рафтораш бувад доим хато.

## ДАР БАДАХШОН

Дар бадахшон ҳеҷ давре аз ғуломӣ гап набуд,
Кас надонист инчунин оҳангу мисли он суруд.

Не фаранҷӣ бар сари худ як замоне доштанд,
Халқ аз даври қадим озод мисли Панҷ буд.

Не касе бифрӯхтан, не кас хариде кардаанд,
Бар сараш гоҳе зи душман чарх зад теғу амуд.

Носири Хусрав ба Рӯшон дид аз Равшандилон,
Ҷумла мардумро бидид ӯ пок мисли оби рӯд.

Як ҷаҳони нав барои хеш вай бинмуд кашф,
Халқ ғамҳои дили меҳмони худ поке намуд.

Халқи Помир аз замони Нӯҳ он ҷо зистаст,
Гоҳ гоҳе душманон аз духти раънояш рабуд.

Дар раҳи илму амал буд ҳар бадахшӣ сахтгир,
Илми ирфонӣ барояш ҷумлаи мақсуд буд.

Содадил Ромин бувад, лекин дилаш мисли чароғ,
Равшаноӣ қатра-қатра дар дили вай мефузуд.

## МЕРОС МОНД

Аз амирони Бухоро як чизак мерос монд,
Халқи бечора амиронро ҷаноби ҳуд бихонд.
Сад фиребе дам ба дам онҳо ҳамедоданд халқ,
Гар ҷаноб шаҳро нахондӣ, вай туро аз шаҳр ронд.

Зинда аз нав карда мо дар мулк қонуни амир,
Кӯдаки ботавқро хонад ҷаноб он марди пир.
Нест акнун аз рафиқ дар байни мо ному нишон,
Гӯиё афтода он дар дасти душман чун асир.

Муъмине аз баҳри муъмин чун бародар мешавад,
Ин сухан ҳаст аз Худо, бо ҳақ баробар мешавад.
Судхӯр бисёр ҳоло гашта монанди малах,
Дуздию ғоратгарӣ дар пеши ҳар дар мешавад.

Аз Бухоро дуздию ғоратгарӣ мерос аст,
Байни ҳафтоду ду сол аз байни мардумҳо нараст.
Кори манғитро зи баҳри мо чу қонун кардаанд,
Ориёниро набуд ин гуна қонуне ба даст.

## ОМАДАМ МЕҲМОНИ ТУ

Эй диёри ҷонфазоям, омадам меҳмони ту,
Ташнаи анҳоробу чак-чаки борони ту.

Обшорат дар наво монандаи кабки дарӣ,
Нағмаи булбул ба гӯшам ояд аз бӯстони ту.

Равшанӣ ояд ба ҷонам аз шарори ахтарат,
Хушнавою хушлиқо гардида Деҳрӯшони ту.

Хар куҷо гулҳо шукуфон, гӯиё ҷаннат бувад,
Аз саҳар зеборухон алвонҷ дар майдони ту.

Шед ояд дар ситеғат он намояд ҳамчу зар,
Мисли симу зар ҳамеша дар ҷаҳон рахшони ту.

Мардҳоят авлиёю духтаронат чун парӣ,
Бо ҳама он тангият бар мисли Маҳ тобони ту.

Ними ҷон дар шаҳр дорам нисфи дигар бо ту ҳаст,
Сар баровардам ба даҳр аз бистару домони ту.

Пойгоҳе аз Худо будӣ ту аз даври қадим,
Ишқи афлокӣ шукуфон аст дар пирони ту.

Модару бобои ман хуфтанд андар марзаат,
Нолишам аз баҳри онҳо будаву ҳиҷрони ту.

Бар сари кӯҳи ту Ромин роҳпаймойӣ кунад,
Аз рухи ҳар сахраат хонам зи нав девони ту.

## ГАР ТАБЪИ РАВОН БУД

Гар табъи равон буд туро, куҳ бишикастӣ,
Алмосу зару сим ба як ришта бубастӣ.

Лалъе бинамудӣ ту бурун аз дили хоро,
Чун Моҳ ба афлок бари Шед нишастӣ.

Ҳазён ба кунун аст басо хуш ба ҳалоиқ,
Лекин ту аз он ҳарзаамал зуд бирастӣ.

Дар фалсафа по мондаию бехабарӣ з-он,
Як бор варо аз дили худ ҳам нагусатӣ.

Он кист, ки вай майл ба ҳикмат бинамояд,
Бедор бишав, бин,ки ту чун даста ба дастӣ.

Ҳар давру замонрост ба худ қоида, қонун,
Лекин ту ҳамон марди куҳан ҳасти, ки ҳастӣ.

Имрӯз ба бут сачда ҳама халқ намоянд,
Лекин чӣ бало ҳаст,ки Яздон бипарастӣ?

Дар синаи ман рафт ҳақиқат чу сафедӣ,
Аз хонаи шар меҳру вафоро ту гусастӣ.

Ромин, ба сухан даҳр гирифтан битавонӣ,
Бо меҳри Худо рӯи чаҳон дил ту бубастӣ.

## РОНДА ЗИ КОР КАРДАНД

Пирони кордида ронда зи кор карданд,
Пирӣ ба дӯши онҳо чун ҷурм бор карданд.

Ин фалсафа хато шуд дар давраи Сикандар,
Бепир дар намонӣ, гуфтугузор карданд.

Лекин чӣ метавон гуфт дар ин замона, охир,
Ин зиндагонии мо бадтар зи нор карданд.

Дунё чу вожгун шуд, дониш зи дил бурун шуд,
Дасти ба даст хун шуд, оқил ба дор карданд.

Мансаб чӣ шаҳдбор аст,он лек чун қимор аст,
Андар шафат ҳамеша ҷое ба мор карданд.

Нодон ба ҳар назора шаҳду шакар биҷӯяд,
Гӯё, ки сайд дар раҳ бар вай шикор карданд.

Баҳри гадо диҳӣ даҳр, ӯ з-он намешавад сер,
Имрӯз аз гадоён, бингар, қатор карданд.

Ин мулк аз гадоён моро чӣ ҳоҷат ин ҷо,
Моро чу як гадое бар кор зор карданд.

Ромин, ҷавон чӣ донад аз кору бори дунё,
Баргӯ, ба пушти моён боре зи хор карданд?

Ришва намедиҳад пир ӯ шарм менамояд,
Ин аст, ҷумла пирон ронда зи кор карданд.

## ШОИР БИСЁР ГАШТ

Шоирон бисёру байти хуш вале пайдо нашуд,
Аз замини шоирон кас баҳри он шайдо нашуд.

Кишти худро не зи гандум,лек чав коридаанд,
Он вале аз байни коҳе як ваҷаб боло нашуд.

Нози онҳо бингарӣ болотар аз куҳи Қоф,
Шеъри онҳо, лек пуртуғён чу як дарё нашуд.

Шоири халқӣ, вале дур аст ӯ з-унвони худ,
Шеъри ӯ аз баҳри халқаш ҳеҷ гаҳ савғо нашуд.

Кори маддоҳӣ шуд, охир, ифтихори шоирон,
Дар раҳи кӯрон бимонда, ӯ даме бино нашуд.

Чуз бахилӣ пешаи дигар надорад ӯ ба зот,
Номи вай паҳне нагашту шеъри ӯ ҳалво нашуд.

Ҳарзагӯиро якумрӣ пешаи худ кардааст,
Мисли Ҳофиз ё Низомӣ ҳеҷ гаҳ доно нашуд.

Гӯй, Ромин, баҳри баддил кай бишуд неру ато?
Шоми онҳо мурда асту рӯзашон фардо нашуд.

## ҚАЛАМ ДАР СУХАН АСТ

Ман бо қаламу қалам ба ман дар сухан аст,
Ҳарфаш ҳама дам фақат ғами ин Ватан аст.

Пайваста хаёли ӯ бувад рушди Ватан,
Лекин чӣ кунад ба тори он пур заған аст.

Ин хоки Ватан барои ман ҳаст азиз,
Ин халқи Ватан чу ҷону дил дар бадан аст.

Ҳар ҷо нигарам, гадо расад дар назарам,
Шармандагие барои мо ҳам ба ман аст.

Гӯё накунад муғҷа дао ба диёр,
Хушкида магар кунун гуле дар чаман аст?

Аз лола бипурс,эй, чаро гул накунӣ?
Посух: Ба гирди ман басе Аҳриман аст.

Гӯям, ки чу гардест бароям нафақа,
Монандаи сӯзане даруни кафан аст.

Ромин, чӣ кунӣ, ҷаҳона гирдоб гирифт,
Парвози баланд баъди ин аз заған аст.

## БӮИ ГУЛ ОЯД

Ҳар субҳ, бишам, бӯи гул ояд чу зи боғам,
Равшан бишавад боз зи он шамъу чароғам.

Ман ошиқи гул гардаму гул дилбаре ҷонон,
Аз бӯй муаттар бишавад табъу димоғам.

Гулфом табасум бизанад дар лаби ман неш,
Гӯё ки даво рехт зи гул бар дили доғам.

Атроф бубинам ҳама ҷо лола ба рақс аст,
Алвон бикашидаст ба бар домани роғам.

Аз бӯи гулон вақти баҳорон ҳама мастанд,
Афзун бишавад дар дили ман шӯълаи коғам.

Сармаст шавам, чарх занам, бода бинӯшам,
Ранги дигаре боз шавад кафтари лоғам.

Парвози маро нест каноре дами пирӣ,
Ман болфишон сӯи фазо чун пари моғам.

Ромин ба ҷаҳон ишқи нахуст зи гул омӯхт,
Аз бӯи гулон фикри нав ояд ба суроғам.

## ГУЛФИШОНӢ МЕКУНӢ

Гулфишонӣ мекунӣ, эй моҳ, дар бӯстони дил,
Оташ ангезӣ зи нав дар равзани армони дил.

Ишқи печонат хаёламро ба худ печондааст,
Таркише меоварӣ бо нор дар кайҳони дил.

Дил бисӯзад ё насӯзад, лек рӯи оташ он
Гоҳ-гоҳе бишканад он шишаи паймони дил.

Он пизишки қалби ман танҳо ту бошӣ дар ҷаҳон,
Дар кафи ту ман бубинам дорую дармони дил.

Шӯхшангӣ, эй санам, рангин камони Рустамӣ,
Аз рухат тангу фарохе мешавад майдони дил.

Бодпоӣ мекунам аз манзилам то манзилат,
Ман зи ҳуснат гашта ҳайрон, эй маҳи хоқони дил.

Бишкуфад гар ғунча дил девона аз ишқат шавад,
Ру ба рӯ оӣ агар, бишнос мизбони дил.

Дил чу ними пораи худ дид андар синаят,
Бо ҳама нозу карашма боз о меҳмони дил.

## ... ЛЕК ГУҲАР НЕСТ

Бисёр такаллуф бикунӣ, лек гуҳар нест,
Тайёра бисозӣ ту, дар он ҳеҷ зи пар нест.

Таквин бикунӣ, нест дар он маънӣ ба такмил,
Дар таквини ту жола, вале нуқраву зар нест.

Эй нур, муроот намо бар дили мискин,
Ин хона дигар кун,ки дар он шаҳду шакар нест.

Рафтам ба такаллум ба дари хоҷаву мавло,
Дидам,ки аз ин кор ба кас ҳеҷ хабар нест.

Фарсуда дилам гашт аз ин буду набудам,
Аз будану нобудани мо ҳеҷ асар нест.

Ҷоҳил чу раҳи рафтани худ ҳеҷ наомӯхт,
Он бед надонад,ки дар он донаву бар нест.

Махлути фасоданд ҳама сифлаву нокас,
Минбар бигирифтанд, аён шуд, ки ҳунар нест.

Ромин, муташорик ту машав бар тиҳмағзон,
Дидам нафаронро ба дарун лахти ҷигар нест.

## ҲАМА ШАБ

Имшаб ҳама шаб бо ту маро бӯсу канор аст,
Дар боғи муҳаббат ҳама дам дил ба шикор аст.

Аз лаъли лабат то ба саҳар бӯса ситонам,
Пинак наравам, чунки шаб аз ишқу хумор аст.

Савсан ба чаман гул бикунад, гармӣ расад гар,
Аз бахри ман имшаб ҳама шаб бо ту баҳор аст.

Шуд сояфикан бар лаби ту ҳарду лаби ман,
Чун дар лаби ту шаҳд зи най гармӣ зи нор аст.

Ширин бикунам аз ин доди Худованд,
Дар киштаи ман ҳосили бисёр ба бор аст.

Аз Қофи баланд бахри ту ман лола бичинам,
Ошиқ ману гулбозӣ маро нек шиор аст.

Аз кунҷи муҳаббат бизанам дар дили торат,
Имшаб сухане то ба саҳар бо найу тор аст.

Монам ба дил аз ошиқиҳо ному нишона,
Моро ба ту имшаб ҳама бозӣ ба қимор аст.

Ромин зи ғамат тахти равон карда суханро,
Бе рӯи ту ин зиндагиям лонаи мор аст.

## РАНҶЕ, КИ БА САР ДОРАМ

Ранҷе,ки ба сар дорам, бадтар зи Сақар бошад,
Гӯё ки бароям он подош чу зар бошад.

Дар рӯи кафам ҳар дам аз хуни ҷигар резад,
Он доди Худо гӯё бар ҷои ҳунар бошад.

Нолам, зи кӣ менолам аз давру замони худ,
Дар давру замони мо беорӣ самар бошад.

Шайтон бишуда ғолиб бар қалби ҳама мардум,
Дар хонаи қалби кас он шеду қамар бошад,

Ҳар шахси бузург ин дам чун хок таги по шуд,
Лекин нигарӣ, ҷоҳил бо қасру шакар бошад.

Чун чаппа шуда дунё, по сар шуду сар по гашт,
Охир, ба чунин ҳолат аз нор хатар бошад.

Санҷид зи нодон Ҳақ, то он чӣ кунад дар даҳр,
Кораш, ки нашуд ҳосил, аз даҳр бадар бошад.

Нодон натавонад ҳеҷ аз бурдани давлат пеш,
Нодонӣ ба мағзи вай он ях, ки зи дар бошад.

Хоҳам, ки аз ин кишвар сар гираму раҳ пӯям,
Ромин, чӣ илоҷ онро, оне, ки падар бошад.

## ТУ НАДОНӢ

Гар бигӯям,ки кунун даври қиёмат ба сар аст,
Маҳви одам ба ҷаҳон ҳамчу ливо ҷилвагар аст.
Ту надонӣ, ки чаро Шӯравӣ аз байн бирафт,
Ту надонӣ, ки чаро оташи пархош сар аст.
Куштаӣ мардуми бисёр ту аз ҷоҳилият,
Ҳам надонӣ, ки туро бештар аз он хатар аст.
Хостӣ, мулк бигирӣ ба кафат мисли лаҷом,
Лек дар банди лаҷоме ту надидӣ, шарар аст.
Ай, надонӣ ту зи асрори Худо зарраяке,
Ту надонӣ, ки зи он Шед ба дунё хабар аст.
То ба ҳоло ба дари марг занӣ зӯр мудом,
Ай набинӣ, ки кунун шӯъла ба он дар шаҷар аст.
Як дам аз даҳр хабардор шаву доду фиғон,
Мавҷ бар мавҷ, ки зад, бин, ки шикасти сипар аст.
Бин, ки тӯфони аҷалхез кунад ҳамҳамаҳо,
Он чу Хуршеди ҷаҳонгир ба теғу табар аст.
Тухми одам ба хато рафт зи он марзаи худ,
Бин, ки тӯфон ба ҷахон дар ҳамаи баҳру бар аст.
Ҳар куҷо оташи ҷанг аст, пасаш сел равон,
Маҳви одам ба ҷаҳон канданӣ ҳар болу пар аст.
Ҳирс ғолиб шуда бар ақл чу хуршед ба барф,
Меҳнати ҳирс ҳамеша ба ҷаҳон бесамар аст.
Аз замин сар бибарорад боз дигар Шеду Қамар,
Шед алъон ба Қамар рӯи замин бар ба бар аст.
Теша бар решаи худ сахт задӣ боз занӣ,
Зарбаи теша туро ҳар нафасе дар камар аст.
Шаън пайдо ту накардӣ ба ҳама ҷаҳду талош,
Гар ба корат нигарӣ, гӯӣ ки ин кори хар аст.
Ними мардум зи барат рафт ба ҷоҳои дигар,
Ними одам зи бадиҳот кунун бе падар аст.
Ҳама он оҳу фиғон аз қадами шуми ту буд,
Кушта гардид писар, дидӣ, падар беписар аст.
Мулк вайрона шуду кох аст кунун хоки замин,
Дасти доно на қалам, балки ба ҷояш табар аст.
Бас хато кардию аз нав бикунӣ боз хато,
Зи хатоҳои ту сад мазраа аз хун тар аст.

Аз ҷаҳон мондӣ қафо боз ба сад соли дигар,
Бехабар мондаӣ з-ин давра, ки он пуршарар аст.
Чун Худо ақл гирифт аз сари ту, коҳ бимонд,
Мағзи пӯсидаи кас хирмани пӯсидасар аст.
Маърифаёр туро ҳеҷ нашуд ҳам ба ситеғ,
Толиби Ҳақ набудӣ, дар рухи ту з- он асар аст.
Шуд фалач аз қадами беҳунарон давлаташон,
Фикри бунёд бирафт аз сару дар фикри зар аст.
Ҳама он донишу шуда пушти камон,
Нест як кори баде рӯи ҷаҳон, з-ин батар аст.
Пушт бар пушт заданд, оқибати кор чӣ шуд?
Тир бар тухма заданд, оқибати кор шар аст.
Баҳри мансаб зи дарат тир ба парвоз бувад,
Мазаи хуни халоиқ ба гумонат шакар аст?
Ман бидонам, ки ҷаҳон бар сари худ омадааст,
Гаштам ором ба ҷо, к-аз ҳама он бехатар аст.
Назадам даст ба мансаб, ки дар он ҷурм басест,
Ҳар касе зӯр занад, теғ варо дар ҷигар аст.
Фахр дорам, ки Худо дар бари ман ҳаст мудом,
Чунки моро ба дараш боз зи дунё гузар аст.
Аз тарозуи хирад пасту баланде наравам,
Он чӣ Ҳақ дод ба ман, беш зи шашсад гуҳар аст.
Ошкор аст, ки Даҷҷолу кӣ покизасухан,
Он киро пок дилаш, фарди фарохунназар аст.
Кай раҳи умр дигар беғаму беғусса шавад,
То кай ин нор бубинӣ, ки ба шохи шаҷар аст.
Офтоб аз сари кухҳо бикашад сар ба фалак,
Чеҳраам гул бикунад, мисли гуле хуб тараст.
Он кӣ дар айш кунун аст, даме пас нигарӣ,
Ҷои вай дар бари морон ба миёни Сақар аст.
Шоҳи моён бишавад шоҳ ба рӯи ҳама даҳр,
Он нафас дар даҳанам ҳарф чу қанду шакар аст.
Як замоне бинигар, дуд чаро дар ҳама ҷо?
Гар ба ҳар сӯ нигарӣ дар ҳама ҷо шӯру шар аст.
Охирин сол туро вақт ба ин даҳр бувад,
Соли дигар ба сарат тир чу хори чапар аст.
Ҳаст Ромин хабар аз омадани Ҳақ ба замин,
Рӯ-ш пурнур ҳазорон карате аз Қамар аст.

## МАН НАЯМ ШОИР

Ман наям шоир, валекин шеърро таквин кунам,
Моҳии одамхӯре дар баҳр чун дилфин кунам.

Лоф ҳам аз шоирӣ дар бӯстонаш дил назад,
Зангиро ,лекин гаҳе чун маҳ, гаҳе парвин кунам.

Ман на доим мекунам чун шоирон эҷод шеър,
Лек бо як байти хуш сад беҳунар ғамгин кунам.

Боғшаҳре менамоям ин диёрамро ба назм,
Гоҳ ман аз қаҳр гоҳ аз меҳр ону ин кунам.

Ман фитодам дар миёни ғайри муслим ин замон,
Бо ҳама бадбиниҳо ман дур аз дил кин кунам.

Роҳи манро бастаанд сӯи гулистони адаб,
Орзуям чун шакар андар дилам ширин кунам.

Вақт наздик аст, Ромин, дур аз сар ғам намо,
Ин ҷаҳонро боз аз нав ман басо рангин кунам.

Модарам моро дурӯя рӯи ин дунё назод,
Не ба зар, лек бо ҳарфи ҳақ ман ин дилам таскин кунам.

## АЗ ИШҚ СУХАН ГӮ

Аз ишқ сухан гӯ, ки дилам бандаи ишқ аст,
Он шуълаи нораш нашавад дар дили ман паст.

Ҳушёр зи он валвалааш ҳеҷ нагаштам,
Аз бода наям маст,вале з-ишқ шудам маст.

Он тобиши нураш,ки занад дар дилам аз ғайб,
Аз сӯзиши он ман хирадамро диҳам аз даст.

Ман фарқ насозам,ки куҷо сангу куҷо зар,
Аҳд аз дилу ақл аз сари ман ҷумла рабурдаст.

Ман баъди кафанпӯшӣ гумон ҳамраҳи онам,
Вай бар сари ман боз кунад валвалаю шаст.

Ман аз шарари ишқ хазондида нагаштам,
Чун ишқ ду поям ба каманду ба дуо баст.

Ин ҷома, ки бинӣ ба танам, моли ман он нест,
Ин ҷома ба ман дод вайю ҷомаи вай аст.

Ман аз шафақаш нур фишонам сари ғунча,
Алъон шафақаш бар ду лаби ғунча бипайваст.

Ромин, ту дар ин роҳ зи рӯъё бигузаштӣ,
Валлоҳ, ки аз ишқ як дамаке дил нарамидаст.

## БЕҲУДА ДАЪВО МАКУН

Эй дӯст, шариат ту чӣ донӣ, ки барояш,
Беҳуда кунӣ бар ҳамаи халқ ту ҷанҷол.
Ин ноҳақу он кофиру он рофизӣ гӯӣ,
Гӯё ки туро дод Худо маънии ин мол.

Дар дин тариқат ва ҳақиқат бувад, эйдӯст,
Имрӯз ҳақиқат ба шумо чун шаби тор аст.
Динро ҳама аз рӯи тариқат бишиносанд,
Он роҳи тариқат на ҳамон шуълаи нор аст.

Қуръон ба ду маъност агар фаҳм ту дорӣ
Маънии ҳакиқӣ ба таги парда ниҳон аст.
Қуръон шудааст гуфта, вале нест навишта,
Ҳар ояти он ранг ба ранге чу ҷаҳон ас.

Ҳаргиз нашунидӣ ту ягон ҳарф зи Аллоҳ,
Ҳарфаш нашунидӣ, ту чӣ сон донӣ забонаш?
Медон, ки ҳамон ҳарфи Худо беш ба рамз аст,
Мушкил бувадо баҳри ту гар хони забонаш.

Гӯям, ки Худо Шед бигӯяд, набувад Хур,
Ташбеҳ дар он асту бидон, гуфта Худо ҳаст.
Гар об бигуфтаст бигуфтаст вай аз ҷанг,
Гуфтори Ҳақ аз гуфтаи мо фарқу ҷудо ҳаст.

# ЧОРПОРА ВА РУБОИҲО

Аз Боми Ҷаҳон ситораям нур диҳад,
Аз маскани хеш нур бар дур диҳад.
Рахшон ҳама ҷо зи нури ӯ рӯи ҷаҳон,
Нураш ба касу ба боғу занбӯр диҳад.

Аз ишқи Худо чӣ хуштаре рӯи ҷаҳон,
З-он ишқи Худо шавад туро чарх аён.
Он тоза кунад дилат зи ҳар чангу ғубор,
Нуре бирасад туро ба як давру замон.

Бар сӯйи фалак зи ишқ фарёд кунам,
Шаҳре ба миҳан зи ишқ бунёд кунам.
Ошиқшудагон хато насозанд дар он,
Аз макру варо ман озод кунам.

Қурбони фалак шавам,ки он ҷо дили мо,
Он ҷо бишавад ҳамешагӣ маҳфили мо.
Аз зӯрии нохалаф чӣ парвост дигар,
Фардо ба фалак ҳамешавад маҳмили мо.

Аз кори Худо хабар чӣ дорӣ ба замон,
Гӯӣ, ки манам Худои худ рӯи ҷаҳон.
Рӯзе, ки сияҳ намуд рӯят ду тараф,
Он дам бишавад туро Худо тез аён.

Дар Боми Ҷаҳон парӣ ба худ хона намуд,
Бо як назараш маро чу девона намуд.
Гуфтам,ки чаро туро чунин мом бизод?
Хандиду ба ноз мӯи худ шона намуд.

Тақлид басе кунун ба Хайём кунанд,
Дар гуфтани байт рӯзи худ шом кунанд.
Гуфтори ягон ба вай баробар нашавад,
Пеши ҳама банда хеш бадном кунанд.

Дар Қоф ситора бас қариб аст ба кас,
Бар нуру дурахши он намоянд ҳавас.
Он зоти шариф лек раҳ баста кунад,
Беқадр шавӣ зи нав ту бар мисли фарас.

Танбӯри ҳаёти умри мо дар шикан аст,
Гурге ба ду по миёни мо дар Ватан аст.
Бисёр кунад зи хуни мо нӯш мудом,
Вай зор зи дигарон барои кафан аст.

Аз хислати хеш ман ризоям, ки ризо,
Якрӯяму ҳеҷ гаҳ нагардида дуто.
Шоҳе ба назар чу мурғаки хона намуд,
Хуштар ба мане зи шаҳ бувад марди гадо.

Ҳарчанд азизи он Худоям ба ҷаҳон,
Бечоратаре манам ба даҳр аз дигарон.
Он моли ҷахони ман бувад рӯи Худо,
Монандаи ман дигар наёбӣ ту ягон.

Дар мактаби мо ҳақиқате аз ҳама пеш,
Гӯянд сухан ба ҳар касе, гӯйӣ ба хеш.
Ранҷидан аз он хатои якумрӣ бувад,
Малҳам бибувад чу ҳарфи ҳақ бар дили реш.

Аз ишқ хатар басе ба ин даҳр бувад,
Гаҳ ишқ батар зи ханҷару заҳр бувад.
Бисёр касон зи дасти он кушта шаванд,
Дар ҷои нахуст агар дар он қаҳр бувад.

Ман завҷи туям, ту завҷаям, эй Паримо,
Аз дар, ки даромадам, ту бархез ба по.
Оғӯш кушо, маро ба оғӯш бигир,
Чун завҷ бувад ба завҷаяш мисли Худо.

Имрӯз қиёмат аст, эй ҷони азиз,
Ҳаргиз нанамо ту ноз бар курсию миз.
Фардо, ки Худо зи парда берун бишавад,
Берун зи ҷаҳон шавӣ ту чун шахси ғализ.

Бе илм ҷаҳон ба мисли як беша бувад,
Ё чун шаҷаре бурида дар реша бувад.
Ҳаргиз накунад дар он даме зиндагӣ рушд,
Чун мурда дар он ҳамеша андеша бувад.

Дар киштаи ақл мисли як нур манам,
Бо ақлу хирад дар ин ҷаҳон зӯр манам.
Аз кашмакашии даҳр бошам ба канор,
Аз ҷоҳилии замона ранҷур манам.

Дидам,ки бахилӣ дар ҷаҳон тоҷи сар аст,
Ин пеша барои бобу ҳам аз писар аст.
Як фард надидаям,ки з-он дур бувад,
Ин сабзаи бад ба хуни ҳар як падар аст.

Аз ишқ ба дил хиёр ҳам кишта нашуд,
Дар лавҳаи дил чу байт бинвишта нашуд.
Хубони ҷаҳон ҳавас маро карда буданд,
Лекин дили ман ба ишқашон ришта нашуд.

Дар дафтари ишқ нома бисёр навишт,
Аз сӯзу гудози дил ба ин мазра бикишт.
Он нағмаи дил ҳамеша буд ранг ба ранг,
Гаҳ нағмаи хуш будаву гаҳ нағмаи зишт.

Дар пои вафо маро абад хона шудаст,
Беруктар аз он ба ман чу бегона шудаст.
Ман дар раҳи ишқ устуворам чу шаҷар,
Бингар, дили ман ба мисли девона шудаст.

Фармони Худо чу Ромин бибарад,
Вай дӯсти худ фақат маро мешумарад.
Ин даври фасод, ки омада бар дари мо,
Тӯфони Худо маро зи ҷоям набарад.

Бинмой қабул ту панди некӯи маро,
Инсонӣ ҳамин бувад, ба пандам бидаро.
Дурӯза ҷаҳон туро равад аз таги по,
Марг аз паси туст, гӯш бар он бинамо.

Ин қисмати бад чу гуфта шуд рӯзи нахуст,
Ҳаргиз нашавад рӯйи ҷаҳон боз дуруст.
Беҳуда бувад фиғони ман рӯи ҷаҳон,
Ин қисмати ман ба боғи умрам чу бируст.

Дидам, ки бало зи зери по кард зуҳур,
Гуфтам, ки маро кунун кунад он шалу кӯр.
Бисёр ғамам бидоду аз сар бигузашт,
Тақдир маро чунин бувад то лаби гӯр.

Хун дар ивазаш талаб фақат хун бикунад,
Сад шӯру баҳона сӯи гардун бикунад.
Гар қарз ба гарданат бишуд хуни касе,
Гар хун надиҳӣ туро чу Маҷнун бикунад.

Гар шоҳ шавам, замона гулзор кунам,
Ҳам хонаи худ ба халқ дарбор кунам.
Доди ҳамаро қабул кунам бо дилу ҷон,
Инсонӣ ба қалби ҷумла бедор кунам.

Ман ҷаннати Ҳақ талаб надорам нафасе,
Бар ҷаннати Ҳақ маро набошад ҳавасе.
Он рӯи Худо биҳишти худ донаму бас.
Ман дил надиҳам на бар зару не ба касе.

Ҳар ҷо ки қадам задем душман бари мост,
Гӯяд, ки чунин нагӯ, ки ин ҳарф хатост.
Вай сер нашуд зи моли дунё нафасе,
Бо он ҳама моли пур бубинӣ, ки гадост.

Одам батар аз дадон бишуд рӯи ҷаҳон,
Дар сурати одамӣ, вале деви замон.
Аз баҳри шикам кӯдаки худ бифрӯшад,
Як пул шунавӣ ҳамеша ӯро зи забон.

Эй халқ, ҷудо кунед аз душману дӯст,
Бинед, кӣ бад бувад, куҷо кас, ки накӯст.
Фарқе чу миёни одамон карда нашуд,
Бад гӯшт хӯрад, туро диҳад пораи пӯст.

Ин давра чунин бувад, ки кас-кас бихӯрад,
Бечора дар ин замон зи бенонӣ мурад.
Гар қарз гирифтию надодӣ ба замон,
Раҳме накунад, сари туро зуд бурад.

Ё Раб, ту чаро замона бинмудӣ чунин,
Ҳоло нарасидаем бар пояи Чин.
Андешаи мо ба пояи беди баланд,
Ин аср талаб кунад, ки гардем чу Фин.

Булбул ба чаман зи баҳри гул ҳаст мудом,
Дар шеваи хонишаш бувад бист мақом.
Дар шеваи ман ҳазору як нола бувад,
Аз нолаи ман шикаста шуд хомаву ҷом.

Ман аз ғами ту фиғон бисозам шабу рӯз,
Аз нолаи ман ду гӯшаки хеш бидӯз,
Раҳме нанамудӣ бар диди пораи ман,
Аз ишқи ту ман фитодаям дар дами сӯз.

Н-ояд хабарат,ки ман зи нав шод шавам,
Ҳар шом барои диданат бод шавам.
Фикри дигарон ба сар наояд нафасе,
Бархезу биё, то зи ғам озод шавам.

Сад нола кунам, вале ҷаҳон дар раҳи хеш,
Ҳаргиз нашавад зи нолаям он каму беш.
Аз рафти ҷаҳон дилам вале шод нашуд,
Он бинаму ҳоли дил шавад реш ба реш.

Файзу баракат аз ин ҷаҳон рафт кунун.
Ҳар ҷо нигарӣ, равон бувад ҷӯй зи хун.
Рӯзе набувад ҳазор одам ба ҷаҳон,
Афтода нагардаде зи ҳар шох нагун.

Эй боди сабо, хабар ба он ёр расон,
Аз дурии ӯ ҳаёти ман гашта хазон.
Пайғом кунад ба ман, ки ёбам хабаре,
Ҳуш аз сари ман рабуда рафт сайри ҷаҳон.

Зебосанамо, ҷаҳони мо тор шудаст,
Ду дида барои диданат чор шудаст.
Дорам ҳавасе, ки боз бинам рухи ту,
Аз сӯзиши ҷон дилам бас абгор шудаст.

Рӯшон биравам ба дидани ёри азиз,
Охир, шудаам зи дурияш боз мариз.
Ин дурии вай барои ман душвор аст,
Ҳастем барои якдигар мо ҳама чиз.

Бемор шудам, хабар надорӣ ту зи ман,
Як бор маро бубар ба гулзору чаман.
Як бӯса бидеҳ то шавад зинда дилам,
Варна бишавам ниҳон абад байни кафан.

Булбул ба чаман хонаду ман дод ба дод,
Кай мекунӣ аз ин дили ғамдида ту ёд?
Рӯзе, ки бимираму биёӣ ба сарам,
Илло, ба ягон нафас ҳамон рӯз мабод.

Аз кӯҳи баланд мора фарёд бикун,
Аз ин ғами дерина дил озод бикун.
Фарёд кунӣ ба гӯшам овоз расад,
Ин дарди дилам ба васли худ шод бикун.

Эй ёр, биё ба рӯи ин сабза бишин,
Ман чашм бипӯшаму зи лаб бӯса бичин.
То хоб ба зонуи ту манро бибарад,
Як бори дигар чу ҷон ту дар дил бинишин.

Парвонасифатба гирди ту тоб хӯрам,
Аз чашмаи ишқ нав ба нав об хӯрам.
Сӯзам, ту вале хабар надорӣ, чӣ илоҷ?
Бо ёди ту дам ба дам майи ноб хӯрам.

Аз Ванҷ бирафтаму Сухан гиря намуд,
Ҳушу дили ман ба гиряаш вай бирабуд.
Гуфтам, ки биё ба шаҳр, бо ҳам бошем,
Дар гиряи вай надидаме ҳеҷ ҳудуд.

Дар роҳи биҳишт ақл чун раҳбари туст,
Ин нақша кашида байни он дафтари туст.
Гар як қадаме зи роҳи он дур шудӣ,
Дӯзах ба барат нишаста ё бар сари туст.

Ё Раб ғами хеш бо кӣ гӯям, ки нашуд,
Аз сӯзиши дил мудом мӯям, ки нашуд.
Рози дили ман даруни дил ҷӯш занад,
Илло, раҳи ту зи нав бипӯям, ки нашуд.

Дилам зи хумори диданат нола кунам,
Ақлам зи худам чу дев бегона кунам.
Оташ бизанам ҳар нафасе хонаи худ,
Пурдуд ба хону хеш девона кунам.

Эй ёри азиз, ғами ту андар дили ман,
Оташ бизанӣ рӯзу шабон манзили ман.
Як буса диҳӣ шавад хамӯш оташи дил,
Осуда шавад зи он дили ғофили ман.

Ё Раб, чи кунам, илоҷ дар дил набувад,
Аз сӯзиши қалб ҳеҷ ҳосил набувад.
Дастам нарасад, ки боз оям ба барат,
Монандаи ман ошиқи комил набувад.

Аз қудрати вай хабар шудам рӯи ҷаҳон,
Ишқаш ба дилам фитод, ҷон шуд ба фиғон.
Гарчанд ба паҳлӯш рӯзу шабон,
Сӯзиш бикунам барои вай дар ду ҷаҳон.

Дурам зи шумо, дилам аҷаб танг шудаст,
Ин бистару болини ман аз санг шудаст.
Он луқма, ки бе шумо хӯрам, хун гардад,
Дил хаста шудаст хаёл чун чанг шудаст.

Ҷонона зи рафтанат дилам танг шудаст,
Дар пеши назар замона пурчанг шудаст.
Андар дили ман задӣ ҳама оташи даҳр,
Майдони фарохи дил пури занг шудаст.

Имрӯз, ки нест ёр андар бари ман,
Хуш нест маро равам ба гулзору чаман.
Ин шаҳр маро мисли чаҳи тор шудаст,
Кай бошаду кай, ки ёр ояд ба Ватан?

Аз дафтари хеш панд вай дод маро,
Гуфто, ки хабар бишав ту аз кори само.
Бишнос маро, шинос ҳам қуввати ман,
Бар шахс диҳам зи сим то ақли расо.

Гӯянд парӣ, вале ту зеботар аз он,
Нур аз рухи ту дамад ба саҳрои ҷаҳон.
Бо як назаре ту кушта созӣ ҳамаро,
Васфи ту равад ба даҳр бе ҳарфи забон.

Дар хизмати ман намак надидӣ, санамо,
Аз лаъли лабам шакар начидӣ, санамо.
Гуфтам, ки туро ба худ кунам ром абад,
Он пардаи орзу даридӣ, санамо.

Ёрам сари ҷӯ нишаста бозӣ бикунад,
Аз баҳри ҳабиб найнавозӣ бикунад.
Гуфтам, биравам ду бӯса гирам зи лабаш,
Найро ба миёни мо чу қозӣ бикунад.

Духтар ҳама нозу буда нозаш кару фар,
Гар бӯса кунӣ талаб кунад бори дигар.
Хоҳад, ки варо ба рӯи дастаон бубарӣ,
Як гул ба гумон ваю дар он аст шакар.

Эй ҳамсари ман, вафо туро ёр бувад,
Бошӣ бари ман, хона чу гулзор бувад.
Шукрона, Худо туро ба ман кард ато,
Бар мову ту вай ҳамеша сардор бувад.

Эй лоларухо, маро ту девона макун,
Овора ба рӯи даҳру бехона макун.
Гӯйӣ, ки шикояте барам пеши падар,
Бар хешу табор маро бегона макун.

Гулғунчаи ман, биё, равем бар лаби ҷӯ,
Ман дар бари ту шинаму зан шона ба мӯ.
Зулфони туро ба сад ҳавас даст кунам,
Поида занам гаҳе ба гаҳ бӯса ба рӯ.

Рушон чу макон хубрӯён ба ҷаҳон,
Забо ҳамаанд мисли Маҳтоби равон.
З-авлоди парию ҳур гӯё ки ҳама,
Андар сифаташ ҳамешавад лол забон.

Дониш биталаб, Худо туро роҳ диҳад,
Аз кунҷи фалак ба дасти ту моҳ диҳад.
Ғофил бишавӣ агар зи ҳикмат ба ҷаҳон,
Бар даст на моҳ, дарзаи коҳ диҳад.

Эй дил, биталаб раҳе ту бар сӯи биҳишт,
Чун ҳукм Худо ба рӯи Қуръон бинавишт.
Аз тӯшаи охират хабардор бишав,
Тақдир ба боғи умр, бингар, чӣ бикишт?

Духтар, ки ба дил нагашт маъқул нафасе,
Ҳаргиз накунам ба қоматаш ман ҳавасе.
Андар дили ман, ки ишқ бедор накард,
Баҳрам бинамояд ӯ ба монанди хасе.

Ҳар зан, ки лаҷоми макр бар даст гирифт,
Дар кӯчаи ошиқӣ худаш маст гирифт.
Бо вай бинишастане ба кас нест раво,
Ҳар кас бинишаст, вай зи худ паст гирифт.

Бинам чӣ муомила дар ин рӯз бувад,
Он оташи пеш боз дар сӯз бувад.
Ман тарк кунам ҳамеша ин манзили хеш,
Ҷое биравам, мудом Наврӯз бувад.

Дар кӯчаи ҷоҳилон на об асту на зар,
Дар сурати одамон вале хушк шаҷар.
Дар даҳр фақат зиён зи онҳо бирасад,
Ҷоҳил бидиҳад заҳру зуқум баҳри падар.

Дар байни ҳазор чашма бас фарқи калон,
Як шӯр бувад, дигар бувад бадтар аз он.
Сеюм бинигар, ки оби ширин дорад,
Чорум бишавад даво ба ҳар пиру ҷавон.

Бе табъи равон сухан наояд зи фалак,
Ояд чу агар надорад он ҳеҷ намак.
Бо он наравӣ бурун ту аз хонаи хеш,
Чун раъд нагардад он ба сад бонги малак.

Феъли бади зан замона пуршӯр кунад,
Ҳар пиру ҷавон чу зинда дар гӯр кунад.
Чун зан ҳамагӣ зи баҳри имон гузарад,
Бо макр ҳазор мардро кӯр кунад.

Дар даҳр мусофирем, эй ёри азиз,
Он тӯшаи охират ба мо ҳаст тамиз.
Бар роҳи баде гузар кунӣ гар нафасе,
Номи ту шавад чу номи ҳар дев ғализ.

Робот бидидаӣ ту, ки моем ҳамон,
Аз лой сириштаем – махлуқи замон.
Бо мо зи фалак ҳамеша бозӣ бикунанд.
Аз фаҳмиши кас валек он буда ниҳон.

Он ғайри башар туро бувад душмани ҷон,
Зӯраш бирасад, кунад туро майда чу дон.
Бо душмани худ як нафасе роз магӯ,
Гуфтӣ ту агар, расондӣ бар хеш зиён.

Борон бишавам, ки нарм борам ба сарат,
Оҳиста чакам бар лабу афтам ба барат.
Рӯмол бигиру бар рухат мол маро,
То хушк шавам ба рӯт пеши назарат.

Аз равнақи илм даҳр гулзор шавад,
Ҳар киштаи умеди ту пурбор шавад.
Он ҷо, ки на илм аст, набувад низ ҳаёт,
Он ҷо сари як ҷаве ду бозор шавад.

Гӯям, ки Худо Худо бувад, ҳар чӣ кунад,
Пайдо нафасе ҳазор касро бикунад.
Хоҳад ба замин зи Арш ояд ҳама дам,
Вай фил ба як даме магасро бикунад.

Чун об чакад зи дидаям ашк ба рӯ,
Пур шуд ҳама ҷо зи ашки ман – нovaву ҷӯ.
Мӯидани ман на баҳри нон ё ки зар аст,
Мӯидан аз он, кай бишавем рӯй ба рӯ.

Бо Шоҳи Ҷаҳон ҳамеша мо ҳамнафасем,
Бо мақсади худ дар ин ҷаҳон мо бирасем.
Вақташ нигарон ду дидаи мо бувадо,
Имрӯз вале даруни сангин қафасем.

Ҳайронам аз он,ки кай расам дар бари ту,
То даст бимонам зи дигар бар сари ту.
Хобат бибарад ба рӯи дастам нафасе,
Матлуби ҳама чу лолаи аҳмари ту.

Гул дар сари боғу булбулаш нест ба боғ,
Вай рафт кучҷою кай биёяд ба суроғ?
Ман аз ғами вай чу барг афтода зи шох,
Сӯзам зи барои он ба монанди чароғ.

Аз баҳри Худо дар ин ҷаҳон ҷанг кунам,
Роҳе ба мунофиқон зи нав танг кунам.
Ин даҳр мунофиқон намуданд хароб,
Болин ба мунофиқон ман аз санг кунам.

Ё Раб, чи кунам хатои бисёр гузашт,
Ин по ба азоб аз сари дор гузашт.
Он буд ҷавонӣ, хун бизад ҷӯш ба дил,
Ин ақл кунун зи роҳи бозор гузашт.

Ё Раб, ту зи ман ягон-ягон ёд бикун,
Он парда бидар, маро ту фарёд бикун.
Ҳоло,ки фитодаям зи по дар сари роҳ,
Бо лутфи худоият маро шод бикун.

Ҳофиз,ба барат ҳамеша ором будам,
Гӯё ба сари пиёлау ҷом будам.
Имрӯз фитодаям зи паҳлуи ту дур,
Афсӯс аз он, ки пештар хом будам.

Рӯзе, ки нигоҳи мо ба ҳам баста бишуд,
Он бори дигар ба меҳр пайваста бишуд.
Ин меҳр тавоност кунун мисли шаҷар,
Армони дигар ба қалб бишкаста бишуд.

Мо ташнаи обу об дар хон набувад,
Аз зиндагӣ тоб ҳеҷ дар ҷон набувад.
Монанди парасту мезанам чарх мудом,
Дар хонаи ман, наволаи нон набувад.

Қозӣ ба кунун камони ҷонхор шудаст,
Қонун таги по фитоду бекор шудаст.
Онҳо,ки ба пушти дигаре пушт заданд,
Пушташ ба кунун чу пушти девор шудаст.

Ин тоҷики нав ҷаҳони мо хор намуд,
Ҳар ҷурму гуноҳи ба мо бор намуд.
Андешаи вай на беш з-андешаи тифл,
Оташ ба миёни боғу гулзор намуд.

Файзу баракат зи мо ба афлок бирафт,
Чун хуни халоиқе, ки бар хок бирафт.
Куштор басе дар ин Ватан дида будам,
Лаззат ба кунун зи себу аз нок бирафт.

То чанд диҳам фиреб ман бар дили хеш,
Аз сабркунӣ дилам бигашта ҳама реш,
Фарёдкунам, вале дарак нест зи ту,
Як бори дигар, биё, биё боз ба пеш.

Моро набувад сабурӣ як рӯзи дигар,
Ман хушк шудам зи дурият мисли шаҷар.
Ту оби ҳаёти ману лекин дурӣ,
Бо оби ҳаёт бар раҳи ман бигузар.

Ё Раб, чӣ кунам, ки рӯи раҳ баста бувад,
Дарду аламам зи даҳр пайваста бувад.
Он дам, ки ба ҳам будем, килкам бинавишт,
Инак, қаламам ба даст гулдаста бувад.

Аз дурии ту дилам занад дод чу боз,
Побанд ба ишқ, рафт ин дил пайи ноз.
Имрӯз маро илоҷи дигар набувад,
Армон бувад ин, маро зи нав боз навоз.

Афтодаам аз барат басо дур кунун,
Ман аз ғами ту фақат хӯрам қатраи хун.
Лекин чи кунам, парам ба по баста бувад,
Ҷоду набувам,ки то кунам фанду фунун.

Бедор бишав, ки умри ту даргузар аст,
Ин аср барои кас басо пурхатар аст.
Оина ба даст гиру рӯят бинигар,
Ин акси замон ба рӯи ту ҷилвагар аст.

Рафт аз дили мардумон ҳама бӯи умед,
Як мард наёфт дар раҳаш роҳи сафед.
Ҷуз фанду фиреб нест ин роҳи ҳаёт,
Дар ларза ҳамеша кас чу он химчаи бед.

Дар даҳр чу гову меш омехтаанд,
Он як ба дигар намояд ҳар рӯз ситам,
То каҳ нашавад зи дона дар даҳр ҷудо,
Ҳаргиз наравад зи байн ин ғуссау ғам.

Хун аз дили мо равад чу як рӯди равон,
Гаҳ мо бикунем нолаву гоҳе дигарон.
Ин роҳи ҳаёт чун раҳи шаршара аст,
Хомӯш бишинӣ гар, наёбӣ ту амон.

Ҳофиз, Ҳофиз, дигар ту ин даҳр бисоз,
Аз парда баро нигаҳ чӣ медорӣ ту роз?
Дар пеши ҳама барам барои ту намоз,
Ман нола кунам барои ту рӯзи дароз.

Бунёд зи бехи худ ту кандӣ ба кунун,
Ҳар рӯз зи дил чакад туро лахтаи хун.
Акнун ба сари хуни худат по бинихӣ,
Гӯё ки туро каси дигар карда фусун.

Ҳушёр бишав, ки рафт дунё зи сарат,
Имрӯз нигар, ки оташи пур ба барат.
Фардо, ки лаҷоми марг омад ба сарат,
Бишкаста шавад ҳамеша он қуфли дарат.

Авлоди хароби ту зи нав гашта хароб,
Аз тифлаки шаҳр то ба деҳ кардӣ кабоб.
Эй тирадиле, зи даҳр бас бехабарӣ,
Дар пеш аҷал, ба дастатон боз шароб.

Бингар, зи дилам ҳамечакад оби ҳаёт,
Чун хуни бахилӣ дар дилам карда вафот.
Ҳамчун фалаке дилам пур аз нур бувад,
Онро набувад ягон замон рӯзи мамот.

Ман мунтазири ҷаҳони нав дар сари роҳ,
Фардо бибарояд аз сари кӯҳ ду моҳ.
Ин лайл ба тори мо ҳаме рӯз диҳад,
Он рӯз мунофиқон бисӯзанд чу коҳ.

Ҳақ дод маро ҳабар зи дӯзах зи биҳишт,
Андар назарам сурати ҳар як бинавишт.
Вай кард маро хабар кунун аз ду ҷаҳон,
Ӯ дар дили ман сифоти бисёр бикишт.

Пурсӣ ту агар зи дӯзахе бори дигар,
Гӯям ба ту ман зи дӯзахе боз ҳабар.
Як дашти кушод пур зи мору магас аст,
Чашмат нарасад ба як гуле ё ки шаҷар.

Ҳар ҷо қадамам расид дар баста бишуд,
Аз як қадамам ҷаон зи ҳам раста бишуд.
Булбул зи чаман бурун бишуд, кард фирор,
Пажмурда дар он чаман чу гулдаста бишуд.

Ҳар халқ, ки гашт аз бари илм ҷудо,
Ояд ба сараш ҳамеша сад ранг бало.
Табдил биёбаду шавад мисли дадон,
Якумр фитад зи роҳи Яздон ба хато.

## МУНДАРИЧА

Ғазалиёт........................................................................................3
Чорпора ва рубоиҳо.......................................................................80

# РОМИНИ ҲАҚНАЗАР

## МУЖДА

*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 29.07.2014 супурда шуд.
Чопаш 1.08.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 6. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Бебок» чоп шудааст.